**ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН**
**ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# МАЪРУЗАИ
# ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ КӮДАК
# ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# БАРОИ СОЛИ 2025

**ДУШАНБЕ – 2026**

# МУНДАРИЧА

Пешгуфтор ............................................................................... 3

1. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва таҳкими ҳамкориҳо дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон............................ 6

2. Барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншудаи кӯдакон ...................... 19

3. Мусоидат ба такмили қонунгузорӣ ва таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ......... 32

4. Таъмини адолати судӣ ва дахлнопазирии шахсии кӯдакон........................................................................................ 38

5. Ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакони маъюб ........................................... 50

6. Барҳамдиҳии шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон .............. 67

Хотима ....................................................................................... 79

# ПЕШГУФТОР

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ барои ҳар як инсон, аз ҷумла кӯдакон, ки бештар аз 40 дарсади нуфусашро ташкил медиҳанд, шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад.

Бо ин мақсад дар соли 2025 низ ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва таъмини манфиатҳои қонунии кӯдакон дар доираи сиёсати инсонпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми соҳаҳои муҳимми давлатдорӣ иқдомҳои самарабахш андешида шуданд.

Пеш аз ҳама, фаъолият дар самти таъмини ҳуқуқи кӯдак ба ҳаёт, саломатӣ, таҳсил, фароғат, озодии ибрози ақида, ҳифз аз зӯроварӣ ва таҳдиди истифодаи зӯроварӣ, манъи истифодаи ҷазои ҷисмонӣ, барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон ва дар муҳити оила ба таълиму тарбия фаро гирифтани онҳо идома дода шуда, барои расидан ба ҳадафҳои стратегии давлат қадами устувор гузошта шуд.

Дар ин робита, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятро ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани вазъи риоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии кӯдакон давом дода, аз натиҷаи фаъолият ва таҳлили вазъи воқеӣ маърузаи навбатии худро омода намуд.

Маъруза бо дарназардошти натиҷаи боздид, санҷиш ва мониторинги муассисаҳои кӯдакона, баррасии муроҷиатҳои кӯдакон, муроҷиатҳо аз ном ва ба манфиати кӯдакон, таҳлили қонунгузорӣ, арзёбии ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавии соҳа, омӯзиши лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи кӯдак маълумоти пешниҳоднамудаи мақомоти давлатӣ ва иттилооти воситаҳои ахбори омма таҳия гардидааст.

Фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак, ки пеш аз ҳама ба амалисозии ҳуқуқу озодӣ ва таъмини манфиатҳои қонунии кӯдакон дар доираи ҳадафҳои стратегии рушд, сиёсати давлатӣ ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ равона гардидааст ба боло бурдани мақоми Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ низ мусоидат менамояд.

Дар ин робита, ҳамасола бо назардошти арзёбӣ ва таҳлили вазъи воқеӣ маъруза таҳия гардида, ҷиҳати такмили қонунгузорӣ, қабул ва амалисозии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва боз ҳам беҳтар намудани раванди ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва таъмини манфиатҳои кӯдакон тавсияҳои мушаххас дода мешаванд.

Боиси қаноатмандист, ки маърузаҳо бо дастури роҳбарияти мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ баррасӣ гардида, ҷиҳати ба инобат гирифтани хулосаву тавсияҳои пешниҳодшуда корбарӣ сурат мегирад.

Аз ин лиҳоз, бо назардошти омода гардидани маърузаи навбатӣ ва дар асоси қисми 1 моддаи $32^7$ Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” он ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад.

Маърузаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак барои соли 2025 ба таҳлилу арзёбии масъалаҳои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва таҳкими ҳамкориҳо дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон, барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншудаи кӯдакон, мусоидат ба такмили қонунгузорӣ ва таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, таъмини адолати судӣ ва дахлнопазирии шахсии кӯдакон, ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакони маъюб ва барҳамдиҳии шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон бахшида шудааст.

Итминон дорем, ки маърузаи навбатии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифта, тавсияҳои пешниҳодшуда ҷиҳати боз ҳам беҳтар гардидани вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳо ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдакони Тоҷикистони азиз мусоидат мекунанд.

# 1. БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ АҲОЛӢ ВА ТАҲКИМИ ҲАМКОРИҲО ДАР САМТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ КӮДАК

Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва таҳкими ҳамкориҳо вобаста ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои кӯдак раванди давомдор буда, аз ҷониби субъектони кор бо кӯдак пайваста тақвият дода мешавад. Зеро, масъалаҳои мазкур дар қонунгузории миллӣ, уҳдадориҳои байналмилалӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ пешбинӣ шуда, дар паёму суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид мегарданд.

Дар ин раванд, агар аз як тараф таваҷҷуҳ ба волидайн, васию парастор, дигар намояндагони қонунии кӯдак ва аҳли ҷомеа равона гардад, аз тарафи дигар бояд маърифати худи кӯдакон низ баланд бардошта шавад, то ки онҳо тавонанд ҳангоми вайрон шудани ҳуқуқҳояшон мустақилона худро ҳимоя намоянд ва ё барои таъмини он ба субъектони дахлдор муроҷиат кунанд.

Аз ин лиҳоз, зимни пешбурди фаъолият ба масъалаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва таҳкими ҳамкориҳо таваҷҷуҳи махсус дода, омилҳои мусоидаткунанда ва монеаҳои ҷойдошта мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд.

Бинобар сабаби маърифати ҳуқуқии нокифоя, кӯдакон ва намояндагони қонунии онҳо дар муносибатҳои оилавӣ, меҳнатӣ, молумулкӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва ғайра ба мушкилоти муайян дучор мегарданд, ки дар навбати худ ин ҳолатҳо ба мунокишаҳои оилавӣ ва шиддат гирифтани муносибатҳои иҷтимоӣ оварда мерасонад.

Таҳлили муроҷиатҳо ва маводҳои иттилоотӣ нишон медиҳад, ки аксари мушкилоти дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва таъмини манфиатҳои қонунии кӯдакон баамаломада, аз паст будани маърифати ҳуқуқӣ, ба инобат нагирифтани талаботи қонунгузорӣ ва ҳамкории нокифояи субъектони кор бо кӯдак дарак медиҳад.

Дар ин робита, фаъолият дар самти баланд бардоштани маърифати аҳолӣ дар доираи амалисозии Барномаи амали мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2025 ба роҳ монда шуда, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ва кормандони масъули мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон вобаста ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи кӯдак 39 баромад дар воситаҳои ахбори омма вобаста ба паҳлуҳои мухталифи ҳаёти кӯдакон, аз ҷумла навгониҳои қонунгузорӣ, фаъолияти ниҳодҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, иҷрои санадҳои милливу байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, таъмини ҳуқуқи кӯдак ба ҳаёт, саломатӣ, таҳсил, истироҳат, варзиш ва ғайраро таъмин намуданд.

Бо мақсади баланд бардоштани маърифати аҳолӣ вобаста ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ва кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва падару модарон вохӯриҳо ва чорабиниҳои иттилоотӣ гузаронида, ба иштирокчиён вобаста ба ҷанбаҳои алоҳидаи ҳуқуқу озодиҳои кӯдак маълумот пешниҳод намуданд.

Бо ин мақсад соли 2025 Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ба ноҳияҳои Панҷ, Ҷайҳун, Дӯстӣ, А.Ҷомӣ ва Темурмалики вилояти Хатлон, шаҳрҳои Хуҷанд, Конибодом ва Исфараи вилояти Суғд ва ноҳияи Рашт сафар намуда, ҷиҳати шиносоӣ бо вазъи таъмини ҳуқуқҳои кӯдак дар муассисаҳои кӯдакона боздид ба амал овард. Ҳамчунин, зимни сафарҳо дар шаҳру ноҳияҳои мазкур бо масъулини самти кор бо кӯдак ва фаъолони ҷомеа чорабиниҳои иттилоотӣ баргузор шуда, қабули сайёри мурочиатҳои шаҳрвандон гузаронида шуд.

Дар доираи сафарҳо дар шаҳру ноҳияҳои мазкур бо иштироки роҳбарияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, котибони мақомоти васоят ва парасторӣ, аъзоёни комиссияҳои маҳаллӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ва фаъолони ҷомеа, дар маҷмуъ бо ҳузури зиёда аз 350 нафар мизҳои мудаввар гузаронида шуданд.

Ҳамчунин, соли 2025 зимни баргузории санҷишу мониторингҳо дар як қатор муассисаҳои кӯдаконаи ҳудуди шаҳрҳои Душанбе, Ҳисор, Роғун, Хуҷанд, Исфара, Кӯлоб ва ноҳияҳои А.Ҷомӣ, Ҷ.Балхӣ, Б.Ғафуров ва Темурмалик ҷиҳати огоҳии бештар вобаста ба масъалаҳои ҳифз ва рушди кӯдакон бо иштироки омӯзгорон, мураббияҳо ва кӯдакон чорабиниҳои иттилоотӣ гузаронида шуданд.

Дар чорабиниҳои мазкур оид ба сиёсати давлатӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои кӯдак ва пешбурди он дар даврони соҳибистиқлолӣ, механизмҳои байналмилалӣ ва миллии ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон, аз ҷумла Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ва имконияти муроҷиати инфиродии кӯдакон тибқи Тартиби баррасии муроҷиатҳои кӯдакон дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, пешгирии ҳамаи шаклҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон, барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон ва дигар мавзуъҳо маълумот дода шуд.

Ҳамзамон, дар доираи Нақшаи кори Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак барои соли 2025 ва ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти пас аз дипломӣ як қатор чорабиниҳои омӯзишӣ дар масъалаҳои ҳифз ва рушди кӯдак гузаронида шуд. Аз ҷумла, 9 июли соли 2025 дар Маркази таълимии судяҳои Суди Олӣ дар мавзуи “Санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак”, дар Академияи идоракунии давлатӣ рӯзҳои 15-17 сентябр ва 21

ноябри соли 2025 барои шунавандагони курси такмили ихтисоси мутахассисони пешбар ва мутахассисони сохторҳои маҳаллии Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар мавзуи "Рушди хизматрасониҳои давлатӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии кӯдакон", рӯзи 7 октябр барои шунавандагони курси такмили ихтисоси роҳбарони сохторҳои маорифи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар мавзуи "Ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар соҳаи маорифи Тоҷикистон", рӯзҳои 21 ва 22 октябр барои шунавандагони курси такмили ихтисоси кормандони Хадамоти иҷро дар мавзуи "Ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон дар фаъолияти иҷрочиён" машғулиятҳо гузаронида шуданд.

Масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи кӯдак пайваста дар чорабиниҳои оммавӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд. Бо ин мақсад, санаи 2 июн бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон Конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "10-солагии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак" ва санаи 28 ноябр Форуми сеюми комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдак баргузор гардид, ки дар онҳо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак иштирок ва суханронӣ намуд.

Бо ташаббуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе чорабиниҳо бахшида ба "16-рӯзи мубориза алайҳи хушунати гендерӣ баргузор гардид, ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябр то 10 декабр дар Муассисаи давлатии боғи фарҳангию фароғатии ба номи

Абулқосим Фирдавсӣ, Академияи идоракунии лавлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишкадаи молия ва иқтисод, Академияи миллии илмҳо ва Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ иштирок намуд.

Ҳамзамон 26 ноябри соли 2025 тибқи нақшаи фаъолияти Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон барои соли 2025, ки аз ҷониби Раиси Ҳаракат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон тасдиқ гардидааст, бо омӯзгорону волидайни хонандагони литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе вохурӣ доир гардид, ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи "Нақши маориф дар тарбияи насли ваҳдатсоз" суханронӣ намуд.

Дар доираи таҷлили Рӯзи ҳуқуқи инсон ва баргузории чорабиниҳои "Ҳафтаи ҳуқуқи инсон" низ вобаста ба фаъолият дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, аз ҷумла натиҷагирии боздидҳо ва санҷишу мониторингҳои мақомот дар муассисаҳои кӯдакона бо иштироки намояндагони мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ва шарикони рушд, ки дар самти кӯдакон фаъолият мебаранд, санаи 11 декабри соли 2025 мизи мудаввар баргузор карда шуд.

Дар чорабинӣ роҳбарияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, воҳидҳои сохтории ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдаки Прокуратураи генералӣ, вазоратҳои маориф ва илм, корҳои

дохилӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, адлия, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумитаи кор бо занон ва оила, Кумитаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҷамъ 45 нафар иштирок намуданд.

Зимни чорабинӣ сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дастгириву иқдомоти муассири давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муқаррароти қонунгузории амалкунанда дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдакон махсус таъкид гардид.

Ҳамчунин, дар рафти чорабинӣ масъалаҳои ҳамгироии иҷтимоии занону кӯдакони аз минтақаҳои ҷангзада баргардонидашуда, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои кӯдакон дар ҳошияи таъмини ҳуқуқ ба таҳсил, саломатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, ислоҳоти низоми адолати судӣ нисбат ба кӯдакон ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдакон дар Тоҷикистон матраҳ гардида, оид ба дастовард, мушкилот ва дурнамои соҳа муҳокимаронӣ сурат гирифт.

Зимни ба роҳ мондани фаъолияти иттилоотӣ таҳия, нашр ва дастраси аҳолӣ намудани маводи таҳлилӣ ва иттилоотӣ аз аҳаммият холӣ намебошад. Бо ин мақсад соли 2025 маърузаи навбатии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак таҳия, тарҷума, бо

теъдоди 250 нусха нашр ва ба мақомоти давлатӣ, доираҳои илмӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дастрас карда шуд. Ҳамзамон, ҷиҳати огоҳонии бештари аҳолӣ, аз ҷумла кӯдакон ба фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ва таъсири зӯроварӣ ва хатари он ба рушди кӯдакону ҷавонон бо теъдоди 1000 нусха буклетҳо нашр карда шуданд.

Ҳамзамон, тибқи Нақшаи кори Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илм ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон модули таълимии “Мониторинги ҳуқуқҳои кӯдак дар асоси санадҳои миллӣ ва байналмилалӣ” таҳия гардид. Модули мазкур фарогири мавзуъҳои муқаррароти асосӣ ва принсипҳои Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак, мақомоти шартномавии байналмилалӣ ва механизмҳои мониторинги ҳуқуқи кӯдак, усулҳои ҷалби кӯдакон ба мониторинг ва ҳисоботҳо, принсипҳои калидии Ҳадафҳои Рушди Устувор, алоқамандии ҳуқуқҳои кӯдак бо Ҳадафҳои Рушди Устувор, индикаторҳои Ҳадафҳои Рушди Устувор марбут ба кӯдакон ва манбаъҳои маълумоти оморӣ оид ба кӯдакон мебошад. Дар назар аст, ки соли 2026 барои хизматчиёни давлатӣ ва дигар шахсоне, ки дар соҳаи ҳифз ва амалигардонии ҳуқуқҳои кӯдак кор мекунанд дар асоси модули мазкур чорабиниҳои омӯзишӣ гузаронида шавад.

Ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва таъмини манфиатҳои кӯдакон аз ҳамкории минтақавӣ ва байналмилалии ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқи кӯдак вобастагии амиқ дорад. Дар ин робита, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ҳамкориҳоро бо ҳамтоёни хориҷии худ, аз ҷумла дар доираи Комиссияи ваколатдорони ҳуқуқи кӯдаки Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил тақвият дода, 18 июн дар ҷаласаи панҷум ва 13 ноябр дар ҷаласаи шашуми он, ки дар шаҳрҳои Бишкек ва Минск баргузор гардиданд, тариқи маҷозӣ иштирок ва суханронӣ намуд.

Дар ҷаласаҳои мазкур масъалаҳои таҳлили бемориҳои кӯдакон, кумаки маҷмуӣ ба гирифторони бемориҳои ҷисмонию равонӣ, савдои кӯдакон, кӯдакон ва Ҳадафҳои Рушди Устувор, тарбияи кӯдак дар муҳити оила, ташкили меҳнати кӯдакон дар давраи таътил, таъсиси Шурои кӯдакон, талбандагӣ ва оворагардии кӯдакон, кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда, кӯдакони ятиму бепарастор, таълиму тарбияи кӯдак, истироҳати кӯдак, такмили қонунгузории кӯдак ва дигар масъалаҳои ҷорӣ баррасӣ гардида, қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд.

Яке аз дастовардҳои назаррас дар самти таҳкими ҳамкориҳо таъсиси Шурои кӯдакони назди Комиссияи ваколатдорони ҳуқуқи кӯдаки ИДМ мебошад. Шуро 13 ноябри соли 2025 бо қарори Комиссияи мазкур таъсис дода шуда, рӯзи 14 ноябр ҷаласаи якуми он дар шаҳри Минск баргузор гардид. Шуро мақоми маслиҳатию машваратӣ буда, бо мақсади ҷалби кӯдакон

дар баррасӣ ва қабули қарорҳо вобаста ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон дар кишварҳои узви ИДМ, ташаккули ҳамкориҳои дӯстона ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ бо намояндагӣ аз манфиатҳои кӯдакон дар назди ваколатдорони ҳуқуқи кӯдаки ИДМ таъсис дода шуд. Дар Шуро бо намояндагӣ аз Арманистон, Белоруссия, Қазоқистон, Қирғизистон, Федератсияи Россия ва Тоҷикистон дунафарӣ кӯдакони аз 16 то 18-сола аъзо шудаанд.

Дар ин робита, мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илм, номзадии Бадалова Оиша, хонандаи синфи 11 Литсейи ба номи Умари Хайёми шаҳри Душанбе ва Ашуров Анушервон хонандаи синфи 11 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №87 шаҳри Душанберо барои шомил намудан ба Шуро пешниҳод намуд, ки аз ҷониби Кумитаи иҷроияи ИДМ дастгирӣ ёфт.

Лозим ба ёдоварист, ки чунин шуроҳо дар назди ниҳодҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсони ИДМ таъсис дода шуда, ҷиҳати таҳкими фаъолияти Шуро тасмим гирифта шудааст, ки дар назди мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ Шурои кӯдакон таъсис дода шавад.

Дар робита ба таҳкими ҳамкориҳо бо Комиссияи мазкур соли 2025 кормандони масъули мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар 6 гурӯҳи корӣ ва 5 конференсияи илмӣ-амалӣ тариқи маҷозӣ иштирок ва маъруза намуданд.

Ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо ваколатдорони ҳуқуқи кӯдаки кишварҳои Осиёи Марказӣ низ чораандешӣ карда шуда, бо ин мақсад рӯзҳои 11-12 сентябри соли 2025 Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Форуми якуми ваколатдорони ҳуқуқи кӯдаки кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки дар шаҳри Тошканд баргузор гардид, иштирок ва суханронӣ намуд. Аз натиҷаи форум Эъломия оид ба рушди ҳамкориҳои минтақавӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак тасдиқ гардида, ҷиҳати дар соли 2026 дар Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор намудани форуми дуюм қарори дахлдор қабул карда шуд.

Ҳамкориҳо дар сатҳи миллӣ бо Прокуратураи генералӣ, вазоратҳои маориф ва илм, корҳои дохилӣ, адлия, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, меҳнат муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, кумитаҳои кор бо занон ва оила, кор бо ҷавон ва варзиш, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ба роҳ монда шуда, он ба ҳалли саривақтии мушкилоти кӯдакон мусоидат намуд. Дар ин раванд, ҳамкориҳо бо Прокуратураи генералӣ дар самтҳои барқаророзии ҳуқуқҳои вайроншудаи кӯдакон, таҳкими фаъолияти комиссияҳои маҳаллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак, ҳамкориҳо бо Вазорати маориф ва илм дар самтҳои таҳияи модули таълимӣ барои масъулони соҳаи ҳифзи кӯдак, таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва санҷишу мониторинги муассисаҳои соҳаи маориф, бо Вазорати корҳои дохилӣ дар самтҳои пешгирии

ҳуқуқвайронкунӣ дар байни кӯдакон ва кор бо занону кӯдакони аз минтақаҳои ҷангӣ баргардонидашуда самарабахш буданд.

Ҳамчунин бо шарикони рушд, аз ҷумла Дафтари Намояндагии Хазинаи кӯдакони СММ дар Тоҷикистон дар самтҳои мониторинги вазъи ҳуқуқи кӯдак, ташвиқу тарғиби Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак, Фонди ҷамъиятии “Ташаббуси ҳуқуқӣ”, ТҶ “Волидайни дорои кӯдакони имконияташон маҳдуд (КИМ)”, ТҶ “Корвони умед” ва дигарон дар самтҳои таъмини ҳуқуқҳои кӯдакони маъюб ба тавонбахшӣ, таъмини адвокат ба кӯдаконе, ки ҳуқуқҳояшон вайрон шудааст, ҷойгир намудани кӯдакони қурбонии истисмор ва зӯроварӣ дар марказҳои ҳифз ва тавонбахшӣ ва гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ ҳамкориҳо идома дода шуданд

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани корҳо дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва таҳкими ҳамкориҳо дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***– баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ вобаста ба ҳуқуқҳои кӯдак тавассути тақвияти корҳои иттилоотонӣ ва фаҳмондадиҳӣ;***

***– таҳия, нашр ва паҳн намудани маводҳои фарогири ҳифзи ҳуқуҳои кӯдак дар байни аҳолӣ, аз ҷумла кӯдакон;***

***– густариши ҳамкориҳо бо мақомоти давлатӣ, ҳамтоёни хориҷӣ, шарикони рушд, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва аҳолӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак.***

# 2. БАРҚАРОРСОЗИИ ҲУҚУҚҲОИ ВАЙРОНШУДАИ КӮДАКОН

Дар қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои вайроншуда ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдакон шароит ва имконияти мусоид фароҳам оварда шудааст. Аз ин лиҳоз, кӯдакон ва намояндагони қонунии онҳо метавонанд ҷиҳати барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншуда ва амалисозии ҳуқуқу озодиҳои худ ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳо, муассисаҳо, корхонаҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ бемонеа муроҷиат намоянд.

Ба ин раванд, пеш аз ҳама, мусоидати мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳия ва тасдиқи тартибҳои дохилиидоравӣ вобаста ба қабул ва баррасии муроҷиатҳои кӯдакон дар вазорату идораҳои масъули ҳифзи кӯдак ва дар ин замина ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ” такkони ҷиддӣ бахшид.

Зеро, то ворид намудани тағйиру иловаи мазкур дар соли 2024 ба манфиати ноболиғон бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ танҳо намояндагони қонунии онҳо ва мақомоти

ваколатдори дигар муроҷиат карда метавонистанд. Яъне, ноболиғон ҳуқуқи мустақилона муроҷиат карданро надоштанд.

Бо назардошти имконияти фароҳамшуда соли 2025 ба унвонии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак вобаста ба ҳифзи ҳуқуқу озодӣ, таъмини манфиатҳо ва барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншудаи кӯдакон 167 (с. 2024 – 186) муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ворид шудааст, ки аз ин шумора 56 (с. 2024 – 52) муроҷиат хаттӣ, 109 (с. 2024 – 131) муроҷиат шифоҳӣ ва 2 (с. 2024 – 3) муроҷиат электронӣ мебошанд.

Аз ин теъдод 112 муроҷиати воридгардида дар Дастгоҳи марказии мақомот ва 55 муроҷиат зимни сафарҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ба шаҳру ноҳияҳо ва ташкили қабули сайёри шаҳрвандон ба қайд гирифта шудаанд.

Омори муроҷиатҳои хаттӣ аз ном ва ба манфиати кӯдакон вобаста ба минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла шаҳри Душанбе - 21 адад (с. 2024 - 28), вилояти Хатлон - 4 адад (с. 2024 - 1), вилояти Суғд - 9 адад (с. 2024 - 8), шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 8 адад (с. 2024 – 5) ва хориҷи кишвар (Федератсияи Россия) – 13 (с. 2024 – 10) ададро ташкил медиҳад.

Муроҷиатҳои хаттӣ тибқи таснифот ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон таалуқ доштанд:

– ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ, ғамхории волидайн ва дар оила тарбия гирифтан, алимент, таъминоти иҷтимоӣ – 21 адад (с. 2024 – 24);

– ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ ва озод будан аз ҳама шаклҳои зуроварӣ – 10 адад (с. 2024 – 8);

– ҳуқуқ ба таҳсил – 9 адад (с. 2024 – 3 адад);

– ҳуқуқ ба мурочиат – 7 адад (с. 2024 – 8 адад);

– ҳуқуқ ба муошират – 6 адад (с. 2024 – 1);

– ҳуқуқ ба моликият – 2 адад (с. 2024 – 2 адад);

– ҳуқуқ ба саломатӣ – 1 адад.

Таҳлили риояи баробарии масъулият зимни таълиму тарбияи кӯдак нишон медиҳад, ки чун солҳои қаблӣ аз ном ва ба манфиати кӯдакон беш аз ҳама модарон мурочиат мекунанд. Ҳарчанд, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ низ нақши муҳим доранд. Дар ин робита, дар соли 2025 омори субъектоне, ки аз ном ва ба манфиати кӯдакон хаттӣ мурочиат кардаанд, чунин аст:

– занон – 26 (с. 2024 – 26) адад;

– мардон – 21 (с. 2024 – 15) адад;

– шахсони ҳуқуқӣ – 9 (с. 2024 – 11) адад.

Зимни қабули мурочиатҳо шумора, синну сол ва ҷинси кӯдакон, ки аз ном ва ба манфиаташон мурочиат шудааст, дар парвандаҳо қайд гардида, дар соли 2025 ба таври зайл аст:

| | |
|---|---|
| Шумораи умумӣ | 70 нафар |
| Ҷинс: | |
| Писар | 33 нафар |
| Духтар | 37 нафар |
| Синну сол: | |

| | |
|---|---|
| то 1 сола | 1 нафар |
| 1 сола | 4 нафар |
| 2 сола | 4 нафар |
| 3 сола | 3 нафар |
| 4 сола | 4 нафар |
| 5 сола | 5 нафар |
| 6 сола | 7 нафар |
| 7 сола | 6 нафар |
| 8 сола | 7 нафар |
| 9 сола | 3 нафар |
| 10 сола | 5 нафар |
| 11 сола | 3 нафар |
| 12 сола | 2 нафар |
| 13 сола | 3 нафар |
| 14 сола | 4 нафар |
| 15 сола | 2 нафар |
| 16 сола | 3 нафар |
| 17 сола | 4 нафар |

Ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоии кӯдакон яке аз самтҳои бунёдии ҳифз ва рушди кӯдак ба ҳисоб рафта, новобаста аз чораҳои андешидашаванда мушкилоти муайян дар самти таъминоти кӯдакон дар оилаҳои камбизоат, дар оилаи солим зиндагӣ намудани кӯдак, андозаи алимент, сари вақт пардохт гардидани

он ва маҳз ба эҳтиёҷоти кӯдак истифода шудани алимент, дастрасӣ ба таъминот ва кумакҳои иҷтимоӣ ба кӯдакон ҷой дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар соли 2025 низ бештари муроҷиатҳо ба масъалаҳои таъмини сатҳи кофии зиндагӣ, ғамхории волидайн, дар оила тарбия гирифтан, алимент ва таъминоти иҷтимоӣ алоқамандӣ доранд.

Дар баробари ин, зиёд гардидани муроҷиатҳо вобаста ба ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ ва озод будан аз ҳама шаклҳои зӯроварӣ нигаронкунанда боқӣ мемонад.

Омори овардашуда нишон медиҳад, ки сол то сол муроҷиатҳо вобаста ба ҳуқуқи шахс ба муроҷиат ва муоширата зиёд шуда истодаанд, ки мақсади асосӣ бартараф намудани монеагӣ барои муошираи кӯдак бо падар, модар ва хешовандони наздик мебошад.

Дар бештари ҳолатҳо падар ё модар шикоят мекунанд, ки барои муошираи онҳо бо фарзандонашон, ки тибқи қарори мақомоти судӣ пас аз бекор шудани ақди никоҳ тарбияашон ба уҳдаи яке аз тарафҳо гузошта шудааст, мусоидат карда шавад. Новобаста аз он, ки қарори суд вобаста ба муошират қабул шудааст кормандони Хадамоти иҷро, нозирони минтақавӣ ва котибони мақомоти васояту парасторӣ бо сабабҳои гуногун наметавонанд онро иҷро намоянд. Ин ҳолат боис мешавад, ки тарафҳо дубора ба мақомоти дахлдор ҷиҳати таъмини ҳуқуқҳояшон муроҷиат намоянд.

Таҳлили муроҷиатҳо нишон медиҳад, ки масъалаи муоширати падар, модар ва хешовандони наздик бо кӯдакон чун солҳои қаблӣ ба хусумат, бадбинӣ ва қасосгирии собиқ зану шавҳар ва хешовандони онҳо вобастагӣ дошта, дар бештари ҳолатҳо ҳуқуқҳои кӯдакон вайрон мешавад. Зеро, ин раванд дар шоҳидии кӯдакон ба амал омада, боиси таъсири ҷиддӣ ба ҳаёт, саломатии ҷисмонӣ ва равонии онҳо мегардад.

Омӯзиши муроҷиатҳо нишон дод, ки шаҳрвандон дар 6 ҳолат вобаста ба эҳтимолияти истифодаи зӯроварӣ нисбат ба кӯдак аз ҷониби волидайн ва ё намояндаи қонуниашон, дар 2 ҳолат аз ҷониби шахсони бегона, дар 1 ҳолат аз ҷониби омӯзгор ва дар 1 ҳолат аз ҷониби корманди мақомоти корҳои дохилӣ, вобаста ба эҳтимолияти истифодаи зӯроварӣ ва таҳдиди истифодаи зӯроварӣ муроҷиат намудаанд. Ташвишовар аст, ки дар бештари ҳолатҳо кӯдакон аз ҷониби шахсоне, ки мешиносанд ва ба онҳо меҳр бастаанд мавриди зӯроварӣ қарор мегиранд.

Бо назардошти ҷой доштани эҳтимолияти истифодаи зӯроварӣ муроҷиатҳои мазкур тибқи тобеият ба Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат ирсол карда шудаанд.

Пешниҳоди маълумот аз натиҷаи баррасии муроҷиатҳо низ саривақтӣ сурат нагирифта, дар ин самт баъзе мақомоти давлатӣ

ба кашолкорӣ роҳ медиҳанд, ки назорати ҳал шудани масъалаҳоро мушкил мегардонад.

Аризаҳои вобаста ба эҳтимолияти вайроншавии ҳуқуқи кӯдак ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон воридшуда, баррасӣ гардида, ҷиҳати барқарорсозии ҳуқуқҳои кӯдакон мусоидат карда шудааст. Аз ҷумла, муроҷиати ноболиғ Ю.Р. оид ба муносибатҳои бади модараш нисбати ӯ ва додаронаш баррасӣ гардида, дар ҳамкорӣ бо котиби мақомоти васоят ва парастории шаҳри Ваҳдат ҷиҳати бартарафсозии чунин муносибат корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуда, оилаи мазкур таҳти назорат гирифта шуд.

Муроҷиати шаҳрванд Х.С. вобаста ба эҳтимолияти таҳдиди истифодаи зӯроварӣ аз тарафи сокини шаҳри Ваҳдат М.С. нисбати ноболиғон Н ва Ф баррасӣ гардида. Дар ҳамкорӣ бо масъулини шаҳри Ваҳдат тарафҳо ба созиш омада, ҷиҳати дар оянда такрор накардани ин амалҳо бо шаҳрванд М.С. корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуд.

Дар баробари ин, муроҷиати шаҳрванд Н.З.Ш. оид ба ҳаракатҳои ғайриқонунии С.У., ки омӯзгори яке аз муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе мебошад, баррасӣ гардида, омӯзгор аз ҷониби Суди ноҳияи Сино ҷарима карда шуд, муроҷиати шаҳрванд Ҳ.Р.О. оид ба муоширатбо фарзандонаш дар ҳамкорӣ бо котиби мақомоти васоят ва парастории ноҳияи Сино баррасӣ гардида, муошират бо фарзандонаш таъмин карда шуд,

муроҷиати шаҳрванд Ҳ.Ш.А. барои кумак расонидан ҷиҳати гирифтани алимент ба манфиати ноболиғон С.Ш. ва С.Ш. баррасӣ гардида, пардохти алимент барқарор карда шуд, муроҷиати шаҳрванд А.С.Д. вобаста ба баргардонидани фарзанди ноболиғаш Ш.Ҳ.Ҳ. аз Федератсияи Россия баррасӣ гардида, дар ҳамкорӣ бо Вазорати корҳои дохилӣ ноболиғ ба модараш баргардонида шуд.

Ҳамчунин, соли 2025 муроҷиатҳои шифоҳии 109 нафар қабул ва баррасӣ гардид, ки аз ин шумора 47 муроҷиати шифоҳӣ дар Дастгоҳи марказии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва 62 муроҷиати шифоҳӣ зимни қабули сайёри муроҷиатҳои шаҳрвандон дар шаҳру ноҳияҳо аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак баррасӣ карда шудаанд.

Аз ҷумла, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак зимни сафарҳои хизматӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон муроҷиати 36 нафар (16 зан ва 20 мард), дар вилояти Суғд муроҷиати 20 нафар (14 зан ва 6 мард) ва дар ноҳияи Рашт муроҷиати 6 занро қабул ва баррасӣ намудааст.

Қабули шаҳрвандон дар ноҳияҳо бо иштироки роҳбарият ва масъулини сохторҳои марказии ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо доир гардида, дар ҳалли масъалаҳои ба таҳсил фаро гирифтани фарзанд, ивази ному насаб, расонидани кумаки иҷтимоӣ, муоширaт бо кӯдак, пардохти алимент, таъмин намудан бо оби ошомиданӣ, ҷудо кардани қитъаи замин барои сохтани чоҳи

амудӣ, гирифтани шаҳодатномаи фарзандаш аз хушдоман, ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони манзил, бунёди майдончаи варзишӣ, гирифтани ордери хона, сохтмони муассисаи таълимӣ, бахшиши ҷазо ва сабук намудани муҳлати ҳабси писараш, ба таъхир гузоштани иҷроиши ҳалномаи суд, ба тарбияи худ гирифтани фарзанд аз собиқ ҳамсар, ба дигар мактаб гузаронидани фарзанд ва ғайра мусоидат карда шуд.

Мурочиатҳои шифоҳӣ тибқи таснифот ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон тааллуқ доштанд:

– ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ, ғамхории волидайн ва дар оила тарбия гирифтан, алимент, таъминоти иҷтимоӣ – 33 адад (с. 2024 – 46) адад;

– ҳуқуқ ба манзил – 18 адад (с. 2024 – 4 адад);

– ҳуқуқ ба муошират – 15 адад (с. 2024 – 16 адад);

– ҳуқуқ ба таҳсил – 11 адад (с. 2024 – 16 адад);

– ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ ва озод будан аз тамоми шаклҳои зӯроварӣ – 5 адад (с. 2024 – 6 адад);

– ҳуқуқ ба фардият – 5 адад (с. 2024 – 9 адад);

– ҳуқуқ ба мурочиат – 4 адад;

– ҳуқуқ ба саломатӣ – 2 адад;

– дигар масъалаҳо – 16 адад.

Ба шаҳрвандоне, ки шифоҳӣ мурочиат намуданд, дар доираи имконият ҷиҳати ҳалли мушкилоташон мусоидат намуда, дар ҳолатҳои боқимонда машварати ҳуқуқӣ дода шуд. Таҳлилҳо

нишон медиҳанд, ки зимни муроҷиатҳои шифоҳӣ низ шаҳрвандон бештар ба масъалаҳои таъмини сатҳи кофии зиндагӣ, рӯёнидани алимент, таъминоти иҷтимоии кӯдакон, таъмини ҳуқуқҳои кӯдак ба таҳсил, муоширaт ва фардият муроҷиат намудаанд.

Масалан, ноболиғ С.М. сокини ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба тариқи шифоҳӣ муроҷиат намуда, иброз дошт, ки соҳиби кӯдаки хурдсол буда, мехоҳад кӯдакро ба ягон муассисаи кӯдакона супорад ва худаш ба фаъолияти меҳнатӣ машғул шавад. Зимни баррасии муроҷиат маълум гардид, ки шаҳрванд ҳануз аз синни ноболиғӣ, тариқи никоҳи динӣ ба шавҳар дода шуда, мавриди зӯроварӣ низ қарор гирифтааст. Бо назардошти ҷой доштани таркиби ҷиноят дар ҳолати мазкур бо мусоидати мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҳамкорӣ бо ФҶ "Ташаббуси ҳуқуқӣ" ва ТҶ "Корвони Умед" ноболиғ муваққатан дар маркази дастгирии занону ноболиғон ҷойгир карда шуд. Аз ҷониби сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ноболиғ хадамоти равоншиносӣ ва адвокат таъмин карда шуд.

Ҳамчунин, шаҳрванд С.Д. сокини шаҳри Душанбе муроҷиат намуда, ҷиҳати муқаррар намудани нафақа ба фарзандонаш бинобар маҳрум шудан аз саробон мусоидат пурсид. Бинобар вазъи бади иқтисодӣ ва имкон надоштан барои гирифтани адвокат дар ҳамкорӣ бо ТҶ "Ҳуқуқ ва беҳбудӣ" ба шаҳрванд адвокат таъмин карда шуда, ариза барои муқаррар кардани

падарӣ ба суд омода ва ирсол гардида, нафақа муқаррар карда шуд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар соли 2025 ба Дастгоҳи марказии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 27 зан ва 14 мард аз ном ва ба манфиати 65 ноболиғ муроҷиат намудаанд.

Омори синну сол ва ҷинси кӯдаконе, ки аз ном ва ба манфиаташон муроҷиати шифоҳӣ шудааст, чунин аст:

| | |
|---|---|
| Шумораи умумӣ | 65 нафар |
| Ҷинс: | |
| Писар | 35 нафар |
| Духтар | 30 нафар |
| Синну сол: | |
| то 1 сола | 2 нафар |
| 1 сола | 3 нафар |
| 2 сола | 3 нафар |
| 3 сола | 4 нафар |
| 4 сола | 2 нафар |
| 5 сола | 1 нафар |
| 6 сола | 4 нафар |
| 7 сола | 3 нафар |
| 8 сола | 7 нафар |
| 9 сола | 6 нафар |
| 10 сола | 3 нафар |
| 11 сола | 3 нафар |

| | |
|---|---|
| 12 сола | 6 нафар |
| 13 сола | 5 нафар |
| 14 сола | 4 нафар |
| 15 сола | 3 нафар |
| 16 сола | 2 нафар |
| 17 сола | 4 нафар |

Ҳамин тариқ, таҳлили мурочиатҳои ноболиғон ва мурочиатҳо аз ном ва ба манфиати онҳо нишон медиҳад, ки мусоидати самаранок, барқарорсозии ҳуқуқу озодиҳои вайроншуда ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдакон аз эътинои саривақтии мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва аҳли ҷомеа вобастагии амиқ дорад.

**Аз ин лиҳоз, бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани раванди қабул ва баррасии мурочиатҳо ва барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншудаи кӯдакон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***– такмили қонунгузорӣ ва таҳкими механизми мурочиати кӯдакон;***

***– таҳия ва мавриди амал қарор додани тартиби қабул ва баррасии мурочиати кӯдакон дар мақомоту идора ва муассисаҳо;***

***– сари вақт эътино зоҳир намудан ҷиҳати барқарорсозии ҳуқуқу озодиҳои вайроншуда ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдакон;***

***– ба инобат гирифтани манфиатҳои беҳтарини кӯдак зимни қабул ва баррасии муроҷиатҳо.***

## 3. МУСОИДАТ ДАР ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРӢ ВА ТАҲИЯИ ҲУҶҶАТҲОИ БАНАҚШАГИРИИ СТРАТЕГӢ ДАР САМТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ КӮДАК

Бо назардошти рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, иҷрои ухдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи кӯдак, амалисозии ҳадафҳои стратегӣ ва пешгирии хатарҳои эҳтимолӣ ба ҳаёт, саломатӣ ва рушди кӯдак раванди такмили қонунгузорӣ, таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ пайваста тақвият дода мешавад.

Аз ин лиҳоз, мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва ҳуқуқэҷодкунанда ҳамкориҳоро ба роҳ монда, ба лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки бевосита ва ё бавосита ба эҳтиром, эътироф, ҳифз ва пешбурди ҳуқуқҳои кӯдак алоқамандӣ доранд, хулоса медиҳад.

Ин раванд солҳои охир вусъат ёфта, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба ҳифз ва рушди кӯдакон нигаронидашуда бо ба инобат гирифтани мавқеи мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таҳия ва қабул гардидаанд. Ҳарчанд, ҳолатҳои алоҳидае низ ба назар мерасанд, ки лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак алоқаманд бидуни мувофиқа ва гирифтани хулосаи мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон қабул карда мешаванд.

Зеро, мувофиқа намудани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва гирифтани хулосаи ниҳоди миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, ба сатҳу сифати санадҳои қабулшаванда ва дар ниҳоят ҳифзи ҳуқуқи кӯдак таъсири мусбат мерасонад.

Бо назардошти таҷрибаи андухташуда соли 2025 ба як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ хулосаҳо дода шуданд.

Дар ин раванд, яке аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии пайваста такмилёбанда Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” мебошад, ки соли 2025 ба он се маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, хулосаҳои мусбат дода шуд.

Аз ҷумла,  ба Қонуни мазкур аз 2 январи соли 2025 вобаста ба пешбурди тарзи ҳаёти солим, эҳтироми қонун, арзишҳои фарҳангӣ, суннатҳои миллӣ ва ҳифзи онҳо аз ҷониби кӯдакон, таъмини кӯдакони ятим ва бепарастор бо манзил, таъмини шароит барои имконияти инкишофи пурраи ҷисмонӣ, зеҳнӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдакон, ҳифзи кӯдакон аз таъсири манфии маҳсулоти тамоку, машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир ва мадҳушкунандаи дигар, таъмини зиндагии арзанда ба кӯдаки маъюб вобаста ба қобилиятҳои ҷисмонӣ ва зеҳнӣ, ҳуқуқи бархурдор будани кӯдаки маъюб ба нигоҳубин, таҳсил ва тайёрии махсус, ки мустақилияти

комил ва ҳамгироии ҷамъиятии ӯро таъмин менамояд, тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

Тағйироти дигар, ки ба Қонуни мазкур аз 1 октябри соли 2025, ворид карда шуд, ба масъалаи ҳифзи кӯдак аз иттилооти ба саломатӣ ё инкишофи ӯ зараровар бахшида шудааст. Ҳарчанд, дар таҷриба баъзе кишварҳо дар ин самт қонуни алоҳида қабул кардаанд, вале тибқи тағйироти мазкур таҳия ва тасдиқи санади зерқонунӣ - қоидаҳои ҳифзи кӯдак аз иттилооти ба саломатӣ ё инкишофи ӯ зараровар ва моддаи нав оид ба ҳифзи кӯдак аз иттилооти ба саломатӣ ё инкишофи ӯ зараровар, маълумоти зараровари дар маҳсулоти иттилоотӣ мавҷудбуда ва маҳдуд ё манъ кардани паҳн намудани онҳо дар байни кӯдакони синну соли муайян пешбинӣ карда шуд.

Ҳамчунин, ба Қонуни мазкур аз 17 декабри соли 2025 вобаста ба масъалаи тартиби баргардонидани кӯдакон аз давлатҳои дигар ва расонидани хизматрасониҳои тиббию иҷтимоӣ ба онҳо иловаи дахлдор ворид гардида, дар маҷмуъ механизми ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак боз ҳам пурзӯр карда шуд.

Ҳамзамон, соли 2025 ба лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодексҳои оила, маданӣ ва мурофиавии маданӣ, ки ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини манфиатҳои қонунии кӯдакон таҳия гардида, барои мувофиқа ворид шуда буданд, хулосаҳо дода шуданд.

Дар ин самт ба лоиҳаи қарорҳои Пленуми Суди Олӣ «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори кории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ва «Оид ба хусусияти татбиқи қонунгузорӣ марбут ба ҷиноятҳои ноболиғон ва чораҳои таъсиррасонии алтернативӣ нисбати онҳо» низ таклифҳо пешниҳод карда шуданд.

Қабул ва амалисозии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ низ ба ҳифз ва пешбурди ҳуқуқҳои кӯдак мусоидат менамоянд. Дар ин робита соли 2025 ба лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи миллии пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон барои солҳои 2026-2030”, “Дар бораи Нақшаи амал барои соли 2026 оид ба иҷрои Барномаи ислоҳоти низоми адолати судӣ нисбат ба кӯдакон барои солҳои 2023-2027”, “Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2026-2027 оид ба амалигардонии Барномаи барқарорсозӣ, ба ҳаёти муқаррарӣ мутобиқ намудан ва бо ҷойи кору таҳсил таъмин намудани занону кӯдакони аз минтақаи амалиётҳои ҷангӣ баргардондашуда барои солҳои 2023-2027”, “Дар бораи бораи Нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2026-2027 оид ба амалисозии Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028”, “Дар бораи таҳия ва тасҳеҳи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Дар бораи Дастурамал оид ба тартиби пурсиши кӯдак - қурбонии савдои одамон” хулоса пешниҳод карда шуд.

Яке аз дастовардҳои муҳим дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар соли 2025 ин қабули Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2027 мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2025, №403 тасдиқ гардидааст.

Зимни таҳияи Нақшаи мазкур пешниҳодҳои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон вобаста ба гузаронидани санҷишҳо дар таваллудхонаҳо, риояи меъёрҳои қонунгузорӣ вобаста ба фарзандхондӣ ва аз байн бурдани сохтакории ҳуҷҷатҳо дар ин самт, инчунин ташкилу баргузории чорабиниҳои иттилоотӣ ҷиҳати аз байн бурдани истисмори кӯдакон, ҷалби онҳо ба истисмори шаҳвонӣ, талбандагӣ ва ё истифодаи онҳо бо мақсади истеҳсол намудани мавод ё предметҳои порнографӣ ба инобат гирифта шудааст.

Ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар самти ҳуқуқи кӯдак ва таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ дар самти эътирофи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ корҳо идома дода шуда, лоиҳаи Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Конвенсияи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ аз 22 январи соли 1993 мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ворид намудани тағйироти пешниҳодшаванда ҷонибдорӣ карда шуд.

Ҳамчунин, вобаста ба гузаронидани расмиёти давлатӣ Созишнома дар бораи омода кардани кадрҳо барои хадамоти

пенитенсиарии давлатҳои – аъзои ИДМ, ки 12 декабри соли 2024 қабул гардидааст, мувофиқи мақсад шуморида, тавсияи мусбат дода шуд.

Айни замон фаъолият дар самти таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии марбут ба кӯдакон, аз ҷумла таҳияи Тартиби бақайдгирии кӯдакони маъюб, ятим, бепарастор ва дигар кӯдакони осебпазир ва Барномаи миллии ҳифзи кӯдак идома дошта, дар ин самт иштироки намояндаи мақомот дар гурӯҳҳои кории байниидоравӣ таъмин карда шудааст.

**Аз ин лиҳоз, бо мақсади боз ҳам тақвият додани раванди такмили қонунгузорӣ ва таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***– такмили қонунгузорӣ ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба ҳифз ва рушди кӯдак алоқаманд;***

***– ҳатман ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои хулоса пешниҳод намудани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба ҳифзи кӯдак;***

***– тезонидани раванди таҳия ва қабули барномаи соҳавии фарогир оид ба ҳифзи кӯдак;***

***– тақвияти корҳои иттилоотонӣ дар самти тарғибу ташвиқи навгониҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар вобаста ба ҳифзи кӯдак.***

# 4. ТАЪМИНИ АДОЛАТИ СУДӢ ВА ДАХЛНОПАЗИРИИ ШАХСИИ КӮДАКОН

Таъмини адолати судӣ, дахлнопазирии шахсӣ, озод будан аз истисмор, шиканҷа ва ҳама гуна шаклҳои зӯроварӣ масъалаҳои муҳимми ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ба ҳисоб рафта, уҳдадории давлат, намояндагони қонунии кӯдак ва ҷомеа мебошанд.

Дар ин замина, пайваста қонунгузории миллӣ такмил ёфта, ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ қабул ва амалӣ шуда, механизмҳои ҳифзи кӯдак тақвият дода мешаванд.

Аз ин лиҳоз, мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон низ дар ин раванд чораандешӣ намуда, бо ташкили боздидҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак, санҷишу мониторингҳои фаъолияти муассисаҳои кӯдакона, иттилоотонии аҳли ҷомеа ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои кӯдакон мусоидат менамояд.

Дар ҳамкорӣ бо Вазорати адлия ва гурӯҳи кории байниидоравӣ соли 2025 Нақшаи амал барои солҳои 2023-2025 оид ба иҷрои Барномаи ислоҳоти низоми адолати судӣ нисбат ба кӯдакон барои солҳои 2023-2027 муваффақона ҷамъбаст карда шуд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар ҷумҳурӣ се муассисаи низоми адолати судӣ нисбат ба кӯдакон, аз ҷумла Мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии

Тоҷикистон, Литсейи касбӣ-техникии махсуси шаҳри Душанбе дар назди Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва Муассисаи тарбиявии ЯС 3/12 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад, ки ислоҳоти онҳо дар доираи Барномаи мазкур идома дорад.

Зимни боздид, санҷиш ва мониторинги фаъолияти муассисаҳои мазкур аз ҷониби кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мутобиқати нигоҳубини кӯдакон тибқи талаботи қонунгузории миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ пайваста мавриди омӯзиш қарор дода шуда, пайваста тавсияҳои дахлдор дода мешаванд.

Аз ҷумла, омӯзиш ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки оиннома ва низомномаҳои муассисаҳои мазкур ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи адолати судӣ нисбат ба кӯдакон мутобиқат намекунад. Аз ин рӯ, ҷиҳати мутобиқ намудани санадҳо Низомномаи намунавии муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ барои кӯдакон таҳия гардида, дар баррасии гурӯҳи корӣ қарор дорад.

Мушкилоти дигар дар ин самт, ки дар маърузаҳои қаблии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак таъкид шуда буд, набудани равоншинос дар Мактаби махсус ва Литсейи касбии техникии махсус ба ҳисоб мерафт, ки бо мусоидати шарикони рушд ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ таъмин карда шудааст. Мувофиқи

мақсад аст, ки дар оянда масъалаи аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ кардани онҳо ба инобат гирифта шавад.

Ҳолати биноҳо, шароити зист ва таълиму тарбия дар муассисаҳои мазкур ба беҳтарсозӣ ниёз дорад. Аз ҷумла, кухнаву фарсуда ва қисман дар ҳолати садамавӣ қарор доштани Мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ ташвишовар мебошад. Кам будани меъёри муқарраргардидаи ғизои кӯдакон, набудани майдончаҳои варзишии муносиб ва ҷалб карда нашудани кӯдакони муассисаҳои мазкур ба чорабиниҳои фарҳангӣ, озмуну олимпиадаҳо низ бояд бартараф карда шаванд.

Яке аз муассисаҳои дигар, ки пайваста зери таваҷҷуҳи мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон қарор дорад, Муассисаи тарбиявии ЯС 3/12 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия мебошад.

Зимни мониторинг маълум гардид, ки дар муассисаи мазкур ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта пайваста чораандешӣ сурат гирифта, тавсияҳои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба инобат гирифта шудаанд. Айни замон муассиса дорои шароити хуби таҳсил ва ислоҳи кӯдакон буда, потенсиали кадрии он сол то сол таҳким меёбад. Шароити ҷойи хоб, ошхона, ғизо, хизматрасонии тиббӣ, иншоотҳои истифодаи умум, сару либоси маҳкумшудагон ва камераҳои назоратӣ ба талабот ҷавобгӯй буд. Дар вақти мониторинг дар муассиса 105 нафар ноболиғон адои ҷазо менамуданд.

Дар анҷоми сол Сарраёсат иттило дод, ки ба ҳолати 25 декабри соли 2025 дар муассисаҳои мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҳамагӣ 186 нафар ноболиғ нигоҳ дошта мешаванд, ки аз инҳо дар Муассисаи тарбиявии ЯС 3/12 дар шаҳри Душанбе 116 нафар адои ҷазо намуда, ҳамчунин 66 нафар ноболиғ дар тавқифгоҳҳои тафтишотӣ қарор доранд. Инчунин, 4 ноболиғи ҷинси зан дар Муассисаи ислоҳии занонаи ЯС 3/8 дар шаҳри Норак адои ҷазо менамоянд.

Дар соли 2025 ба муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар маҷмуъ 154 нафар маҳкумшудаи ноболиғ ҷиҳати адои ҷазо ворид шуда, аз ин шумора 151 нафар дар Муассисаи тарбиявии ЯС 3/12 ва 3 нафар дар Муассисаи ислоҳии занона адои ҷазо менамоянд, ки 25 нафар нисбат ба соли 2024 бештар гардидааст.

Лозим ба ёдоварист, ки дар асоси фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2025, №1009 «Дар бораи бахшиши ҷазои шахсоне, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд» дар баробари калонсолон 30 нафар маҳкумшудаи ноболиғ низ, бахшида шуда, аз адои боқимондаи ҷазо озод шуданд.

Бахшиши ҷазо аз ҷониби Пешвои миллат нишонаи барҷастаи раҳму шафқат ва ғамхорӣ ба маҳкумшудагон, аз ҷумла кӯдакон ба ҳисоб меравад. Зеро, новобаста аз содир кардани ҷиноят ва дараҷаи вазнинии он дар байни шахсони ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда, теъдоди шахсоне, ки аз кирдори худ

пушаймон шуда, барои бахшиши ҷазо дархост пешниҳод мекунанд, кам нестанд.

Аз ҷумла, кӯдакон ҳамеша умедвори ҳарчи зудтар ба озодӣ баромадан ва ё татбиқ гардидани авфу бахшиши ҷазо нисбат ба наздикону пайвандонашон ҳастанд. Чунин умедворӣ дар арафаи ҷашну санаҳои бузурги миллӣ, ки аз сиёсати инсондӯстонаи Пешвои миллат сарчашма мегирад, бештар гардида, авфу бахшиши ҷазо мавзуи суҳбатҳои мардум мегардад. Аз ин лиҳоз, бахшиши ҷазо ба таҳкими адолати иҷтимоӣ ва эътимоду боварӣ ба давлату Ҳукумат таъсири мусбат мерасонад.

Новобаста аз беҳтар намудани чораҳои ислоҳӣ, вазъи будубош, таҳсил ва шароити маҳкумшудагони ноболиғ ҳоло низ, як қатор мушкилот, аз ҷумла зиёд шудани шумораи маҳкумшудагон, бинобар беназоратӣ ва нарасонидани кумакҳои иҷтимоӣ такроран ҷиноят содир намудани ноболиғон ва зарурияти сохтмони майдончаи муносиби варзишӣ ва ҷойҳои истироҳату фароғат барои маҳкумшудагони ноболиғ ҷой дорад, ки диққати махсусро талаб менамояд.

Омори пешниҳоднамудаи Вазорати корҳои дохилӣ низ зиёдшавии ҷиноятҳоро аз ҷониби ноболиғон нишон медиҳад, ки соли 2025 аз тарафи ноболиғон 715 ҳолати ҷиноят содир гардида, нисбат ба соли қаблӣ 41 ҳолат ё 6 дарсад бештар гардидааст. Тибқи омори мавҷуда аз ҷониби кӯдакон 353 ҷинояти дуздӣ ва

162 ҷинояти авбошӣ ба қайд гирифта шудааст, ки дар муқоиса бо дигар ҷиноятҳо бештар мебошанд.

Дар содир намудани 715 ҷиноят 842 ноболиғ иштирок намуда, 33 нафари онҳоро духтарон ташкил додаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки агар аз ин шумора 273 нафар хонандагони муассисаҳои таҳсилотӣ бошанд, 565 нафари боқимонда ноболиғоне мебошанд, ки ба таҳсил фаро гирифта нашудаанд. Ин ҳолат нигаронкунанда буда, пурра ба таҳсил фаро гирифта нашудани кӯдакон эҳтимолияти содир шудани ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятро аз ҷониби онҳо бештар менамояд.

Мутаассифона, дар соли 2025 ҷиноятҳо нисбати ноболиғон низ зиёд гардидааст. Тибқи омори мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соли 2025 нисбати ноболиғон 1440 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки дар муқоиса ба соли қаблӣ 419 ҳолат ё 41 дарсад бештар мебошад.

Тибқи таснифот содиршавии ҷиноятҳои зерин нисбати ноболиғон ташвишовар боқӣ мемонад, ки расонидани зарар ба саломатӣ, одамкушии барқасдона, таҷовуз ба номус, ҳаракати зӯровари дорои хусусияти шаҳвонӣ, алоқаи ҷинсӣ бо шахсе, ки ҳанӯз ба синни 16-солагӣ нарасидааст, ҳаракати бадахлоқона, вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, авбошӣ, монеъ шудан ба гирифтани таълимоти ҳатмии умумӣ ва ба шавҳар додани духтари ба синни никоҳӣ нарасида аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон соли 2025 дар қабулгоҳ-таҳвилгоҳҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд низ дар моҳҳои июл ва ноябр мониторинг гузарониданд. Дар ин давра мутаносибан 504 ва 103 нафар ноболиғон ба қабулгоҳҳо оварда шудаанд, ки 89 нафарашон духтарон мебошанд. Омӯзиши маводҳо нишон дод, ки аксарияти онҳо аз беназоратӣ оворагардӣ мекардаанд. Дар даврае, ки кӯдакон дар қабулгоҳҳои мазкур нигоҳ дошта мешаванд, онҳо бо хӯроки гарм, касбомӯзӣ, истироҳат ва фароғат таъмин карда мешаванд.

Таҳлили муроҷиатҳои воридшуда, гузоришҳои расмии мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва маводи иттилоотии васоити ахбори омма, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ нишон медиҳанд, ки ҳолатҳои содир намудани ҷиноят нисбати кӯдакон чораҳои амалии самарабахшро тақозо мекунад. Аз ҷумла, якчанд ҳодисаҳои барқасдона ва бо бераҳмии махсус куштани ноболиғон дар ноҳияҳои Қубодиён, Фархор, шаҳри Турсунзода ва ахиран дар вилояти Москваи Федератсияи Россия боиси норозигии аҳли ҷомеа гардиданд.

Вобаста ба ин ҳолатҳо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар муносибат бо ҳамтоёни хориҷӣ вокуниш намуда, ҷиҳати таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдакон аз мақомотҳо

муассисаву ташкилотҳо, падару модарон, дигар намояндагони қонунӣ ва аҳли ҷомеа даъват ба амал овард, ки дар шаклгирии муҳити муҳофизаткунанда барои кӯдакон чораандешӣ намуда, барои боз ҳам баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар самти ҳифз, тарбия, таълим, назорат ва рушди кӯдакон корҳои фаҳмондадиҳиро тақвият бахшанд.

Ҳамчунин, солҳои охир бинобар беэҳтиётии волидайн, намояндагони дигари қонунии кӯдак ва аҳли ҷомеа ҳолатҳои фавт ва расонидани зарари ҷисмонӣ ба кӯдакон зиёд шуда истодааст. Новобаста аз вокунишҳои пайваста, баргузории чорабиниҳои иттилоотӣ ва баромад дар васоити ахбори омма, ки аз ҷониби кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва дигар мақомоти давлатӣ роҳандозӣ мегарданд, ҳоло низ вайроншавии ҳуқуқҳои кӯдакон дар ин самт зиёд ба назар мерасад.

Тибқи маълумоти Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 бар асари офати табиӣ 2 нафар ва бо сабабҳои гуногун 76 нафар кӯдакон аз ғарқшавӣ ба ҳалокат расидаанд, ки 71 нафарашон кӯдакони то 16-сола мебошанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ғарқшавии кӯдакон бештар дар вақти таътили тобистона рӯх дода, омилҳои асосии ғарқшавии кӯдакон ин бемасъулиятии падару модар ё шахсони

онҳоро ивазкунанда ба шумор меравад, зеро кӯдакон дар ҷойҳое, ки барои оббозӣ пешбинӣ нашудаанд, ба шиноварӣ мераванд.

Ҳолатҳои гум шудан ва худкушӣ намудани ноболиғон низ боиси ташвиш гардидааст. Зеро, дар ду соли охир бештар аз 800 ҳолати гум шудани кӯдакон ба қайд гирифта шуда, 22 нафари онҳо то ҳол дар кофтуков қарор доранд. Омори худкушӣ низ нисбат ба соли 2024 афзоиш ёфта, 67 нафар кӯдак даст ба худкушӣ задаанд, ки дар 61 ҳолат сабабҳои даст задан ба худкӯшӣ номаълум боқӣ мемонад. Ҳарчанд муайян намудани сабабу омилҳои даст задан ба худкӯшӣ дар пешгирии чунин ҳолатҳо нақши муҳим дошта, ба мақомоти тафтишотӣ зарур аст, ки дар ин самт чораандешӣ намоянд.

Яке аз масъалаҳои нигаронкунанда қабул нашудани ҳукмҳои пурра ё қисман сафедкунанда нисбати кӯдакон мебошад. Тибқи маълумоти Суди Олӣ дар соли 2025 судҳо 666 парвандаи ҷиноятиро нисбати 910 нафар ноболиғон баррасӣ намуда, дар 635 парванда нисбати 879 нафар ноболиғ ҳукми айбдоркунанда бароварда шудааст, ки хеле зиёд мебошад. Шумораи ҷабрдидагони ноболиғ аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ 914 нафарро ташкил медиҳад.

Дар низоми адолати судӣ нисбат ба ноболиғон татбиқ намудани чораҳои алтернативии аз озодӣ маҳрум кардан таҷрибаи пешрафта ба ҳисоб меравад. Зеро, бо ин васила хатари таъсири гузаштаи ҷиноятӣ доштан, бартараф гардида, барои

ислоҳи ноболиғон аз дигар чораҳои нарм истифода бурда мешавад.

Аз ин лиҳоз, дар доираи ислоҳоти низоми адлияи кӯдакон таҷрибаи ҷудо кардани онҳо аз низоми тафтишот ва мурофиаҳои судӣ ҳангоми содир намудани ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна ва истифодаи усули ба ҳамкории иҷтимоӣ ва ба ҳабс нагирифтани ноболиғон равонашуда баррасӣ шуда истодааст.

Ин раванд барои таълиму тарбияи кӯдак ва пешгирии таъсири низоми татбиқи ҷазои ҷиноятӣ ба рушди ӯ мусоидат мекунад. Мутаассифона, дар ҷумҳурӣ аз чунин таҷриба кам истифода менамоянд. Зеро, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 124 дархост оид ба татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтани ноболиғон, ки дар соли 2025 ба судҳо ворид шудааст, пурра қонеъ карда шудааст.

Солҳои охир дар ҷумҳурӣ масъалаи кам кардани синни никоҳӣ дар доираҳои масъулон ва коршиносони соҳа баҳсбарангез шуда, сохторҳои оинномавӣ ва шартномавии СММ низ ҷиҳати бекор кардани ин меъёри қонунгузорӣ тавсияҳо додаанд. Тибқи омори Суди Олӣ дар соли 2025 аз ҷониби судҳо 3410 парванда оид ба кам кардани синни никоҳӣ баррасӣ гардида, 3322 дархост қонеъ карда шудааст. Ҳарчанд нисбат ба соли 2024 судҳо 482 дархостро камтар қонеъ карда бошанд ҳам ҳолати мазкур нигаронкунанда мебошад зеро, тибқи санадҳои ҳуқуқии

байналмилалӣ амалияи мазкур вайроншавии ҳуқуқҳои кӯдак ба ҳисоб меравад.

Дар қонунгузории миллӣ истифода ё таҳдиди истифодаи зӯроварӣ нисбати кӯдак манъ шуда бошад ҳам, ҳоло низ ҳолатҳои алоҳидаи ин зуҳуроти номатлуб ба назар мерасад. Бояд зикр намуд, ки пешгирии зӯроварӣ нисбат ба кӯдакон бидуни мавҷудияти механизми ҳимоя ва муроҷиати кӯдакон имконнопазир мебошад.

Аз ин лиҳоз, дар доираи боздид, санҷиш ва мониторингҳо бо кӯдаконе, ки дар муассисаҳои маҳдуд намудан ва ё маҳрум намудан аз озодӣ нигоҳ дошта мешаванд, масъулини муассисаҳо, омӯзгорон, хонандагон ва аҳли ҷомеа вохӯриҳо доир намуда, ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии онҳо дар самти манъи истифода ва таҳдиди истифодаи зӯроварӣ суҳбату машваратҳои муфид гузаронида мешавад.

Бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, аз ҷумла кӯдакон дар самти таъмини адолати судӣ ва дахлнопазирии шахсии кӯдакон, масъулияти калонсолон дар тарбияи насли наврас ва пешгирии кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ пайваста чорабиниҳои иттилоотӣ роҳандозӣ мегардад.

**Аз ин лиҳоз, бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи кӯдакон дар низоми адолати судӣ нисбати ноболиғон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***– такмили қонунгузорӣ ва таҳкими механизми татбиқи адолати судӣ нисбати ноболиғон;***

***– таъмини риояи ҳуқуқҳои ноболиғон дар низоми адолати судӣ;***

***– тақвият додани корҳои иттилоотонӣ ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон ва нисбат ба ноболиғон;***

***– пешгирии зӯроварӣ дар оила, мактаб ва ҷомеа бо роҳи гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ;***

***– дастгирии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ тарбиягирифта;***

***– тақвият додани шароити моддӣ-техникии муассисаҳои махсуси кӯдакона;***

***– истифодаи таҷрибаи ҷудо кардани кӯдакон аз низоми тафтишот ва мурофиаҳои судӣ ҳангоми содир намудани ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна ва истифодаи усули ба ҳамкории иҷтимоӣ равонашуда.***

***– эътинои саривақтӣ ҳангоми рӯй додани ҳолатҳои кӯштор, истисмор, шиканҷа, табъиз ва зӯроварӣ нисбати кӯдакон дар дохил ва хориҷ аз кишвар.***

# 5. ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ КӮДАКОНИ МАЪЮБ

Ҳифз ва пешбурди ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакони маъюб яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Давлат таъмини ҳуқуқи кӯдакони маъюбро ба зиндагии арзанда, ҳифзи саломатӣ, таҳсилот, тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ ҳамчун вазифаи муҳимми иҷтимоӣ муайян намудааст.

Ҳуқуқҳои кӯдакони маъюб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи кишвар кафолат дода шудаанд.

Тибқи талаботи Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак кӯдакони маъюб ба зиндагии арзанда, нигоҳубини махсус, таҳсилоти фарогир ва дастгирии иҷтимоӣ ҳуқуқи баробар доранд.

Дар ҷумҳурӣ афзоиши шумораи кӯдакони маъюб ба қайд гирифта шуда, он асосан ба афзоиши умумии аҳолӣ, таваллуди кӯдакон бо нуқсонҳои модарзодӣ, зиёдшавии бемориҳои ирсӣ-генетикӣ, мушкилоти солимии модару кӯдак ва омилҳои дигар вобастагӣ дорад.

Тибқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба ҳолати 29 декабри соли 2025 шумораи кӯдакони маъюб дар ҷумҳурӣ 35 381 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2024 1017 нафар зиёд шудааст. Омори додашуда мутаносибан дар

ВМКБ 933 нафар, вилояти Суғд 8 665 нафар, вилояти Хатлон 14 007 нафар, шаҳри Душанбе 3 691 нафар ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 8 086 нафарро ташкил медиҳад.

Бо вуҷуди татбиқи чораҳои солимгардонӣ ва пешгирикунанда тамоюли афзоиш ҳамоно боқӣ мемонад.

Кӯдакони маъюб дар доираи қонунгузории амалкунанда бо нафақа ва дигар шаклҳои дастгирии иҷтимоӣ фаро гирифта шуда, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тули чанд соли охир аз ҷумла андозаи нафақа ва кумакпулиҳо барои кӯдакони маъюб зиёд мегардад. Бо ин мақсад бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2025, №962 аз 1 сентябри соли 2025 нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин иловапулӣ ба онҳо ва андозаи нафақаи заминавӣ 10 дарсад зиёд, яъне индексатсия карда шуд. Дар ин замина, 16 декабри соли 2025 зимни ироаи паёми навбатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дастур доданд, ки аз 1 сентябри соли 2025 нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин иловапулӣ ба онҳо ва нафақаи заминавӣ дар сатҳи таварруми соли 2025, вале на кам аз 15 фоиз аз андозаи муқарраршудаашон зиёд карда шаванд.

Айни замон, ҳадди ақали нафақаи кӯдакони маъюб 487,5 сомониро ташкил медиҳад. Амалишавии тадбирҳои зикршуда ба беҳтар гардидани вазъи иҷтимоию иқтисодии оилаҳои дорои кӯдакони маъюб мусоидат менамояд.

Дар ҷумҳурӣ шабакаи муассисаҳои тавонбахшӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ, аз қабили Муассисаи давлатии Маркази миллии тавонбахшии кӯдакони маъюб «Чорбоғ» дар ноҳияи Варзоб, Муассисаи давлатии Маркази байналмилалии тавонбахшӣ дар ноҳияи Балҷувон, 27 маркази тавонбахшии рӯзона тибқи фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ, 58 маркази хизматрасонии иҷтимоӣ ва тавонбахшии рӯзона ва шуъбаҳои кӯдакона дар хона-интернатҳои вилоятҳои Суғд ва Хатлон амал мекунанд, ки пайваста кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар онҳо санҷиш ва мониторинг мегузаронанд.

Тибқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ кӯдакони маъюб ва кӯдакони гирифтори бемориҳои иҷтимоӣ ва музмин, аз ҷумла ВНМО, бемории сил, диабети қанд (навъи 1), инчунин беморони гемофилия, лейкоз ва саратон бо доруворӣ, хун ва ҷузъҳои он ба таври ройгон таъмин карда мешаванд.

Дар соли 2025 шумораи бемориҳои кӯдакона дар ҷумҳурӣ чунинанд:

| № | Беморӣ | Соли 2025 | Соли 2024 |
|---|---|---|---|
| 1 | Аутизм | 2162 нафар | 1997 нафар |
| 2 | Диабети қанд | 1 388 нафар | 1 326 нафар |
| 3 | Нуқсонҳои модарзодии инкишоф | 14 315 нафар | 14 210 нафар |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 4 | Нуқсонҳои модарзодии дил | 3997 нафар | 3524 нафар |
| 5 | Бемории сил | 338 нафар | 380 нафар |
| 6 | Синдроми Даун | 1331 нафар | 1056 нафар |
| 7 | Фалаҷи кӯдаконаи майнаи сар | 6671 нафар | - |
| 8 | Бемориҳои рӯҳӣ | 5229 нафар | - |

Маълумоти соли 2025 нишон медиҳад, ки сатҳи як қатор бемориҳои кӯдакона, аз ҷумла камхунӣ, нуқсонҳои модарзодӣ, бемориҳои дил, фалаҷи майнаи сар ва бемориҳои рӯҳӣ, ҳамоно баланд боқӣ мемонад.

Тибқи Стратегияи фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 мусоидат ба таъмини ҳуқуқи кӯдакони маъюб ҳамчун самти афзалиятнок арзёбӣ гашта, дар ин самт пайваста тадбирҳо андешида мешаванд.

Дар асоси Барномаи амали мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 дар муассисаҳои давлатии Маркази ҷумҳуриявии саломатии равонии кӯдакон ва наврасон дар шаҳри Душанбе, Мактаб-интернати ёрирасони шаҳри Кӯлоб, Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони нобинои шаҳри Ҳисор ва Мактаб-интернати махсуси бачагони қувваи босираашон суст ва зарири шаҳри Исфара санҷишу мониторингҳо гузаронида шуданд.

Дар рафти санҷишу мониторинг вобаста ба вазъи риояи ҳуқуқҳои кӯдакон, шароити нигоҳдорӣ, ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ, таъминот бо ғизо, муносибат бидуни зӯроварӣ, муошират бо хешовандон, шароити синфхонаҳо, сифати таълими хонандагон, шароити кори омӯзгорон, тарзи ташкилу ба роҳ мондани раванди таълим, бо маводу китобҳои дарсӣ ва асбобҳои аёнӣ таъмин будани хонандагон, татбиқи стандартҳои давлатии таҳсилоти ибтидоӣ ва умумӣ, давомоти хонандагон ба дарсҳо ва ғайра диққати махсус дода шуд.

Касбу ҳунар омӯхтан барои хонандагон аҳаммияти муҳим дорад, зеро пас аз хатми мактаб хонандагон метавонанд бо касби омӯхтаашон зиндагииояндаи худ ва оилаашонро дар оянда таъмин намоянд. Бинобар ин, ҳангоми гузаронидани мониторинг ба касбомӯзии хонандагон аҳаммияти махсус зоҳир карда шуд. Дар мактаб-интернатҳо маҳфили дӯзандагӣ, ҳунарҳои дастӣ, рассомӣ, дуредгарӣ, таъмири пойафзол, сартарошӣ ва пӯхтупаз фаъолият карда истодаанд.

Дар Мактаб-интернати ёрирасони шаҳри Кӯлоб таҳсили нуҳсола пешбинӣ шуда, дар муассиса танҳо писарон дар асоси роҳхати комиссияи тиббӣ-педагогӣ таҳсил мекунанд. Шумораи умумии кӯдакон 157 нафар буда, аз ин шумора 11 нафарашон нимятим мебошанд. Миқдори тарбиятгирандагон дар ҳамаи синфҳо то 12 нафар ва дар гурӯҳҳои тарбиявӣ то 14 нафарро ташкил медиҳанд.

Кӯдакон бо либос ва хӯроки гарм таъмин мебошанд. Аммо, баъзан камбудиҳо дар муассисаи таълимӣ дида мешаванд. Ҳарчанд Мактаб-интернат муассисаи ёрирасон буда, тахассуси махсуси кормандонро талаб мекунад, аммо таълиму тарбия дар он чун дар мактаб-интернатҳои дигар ба роҳ монда шудааст. Бо назардошти талаботи оинномаи муассиса омӯзгорон ва мураббиён бояд аз курсҳои махсус барои баланд бардоштани малакаи кор бо кӯдакони инкишофи сусти ақлонӣ, нутқ ва ҳаракат гузаранд, хонандагони мактаб-интернат бояд бо китобҳои дарсии махсус барои муассисаҳои ёрирасон таъмин бошанд.

Ҳангоми санҷиши Мактаб-интернати ёрирасон аз синфхонаҳои таълимӣ дидан намуда, муайян гардид, ки онҳо аз таъмир бароварда шуда, бо таҷҳизотҳо барои касбомӯзӣ қисман таъмин буда, ба асбобҳои касбомӯзии нав ниёз доранд.

Инчунин, Маркази ҷумҳуриявии саломатии равонии кӯдакон ва наврасон дар шаҳри Душанбе, ки мавриди санҷиш қарор дода шуд, ҳамчун сармуассисаи ҷумҳуриявӣ дар соҳаи бемориҳои равонии кӯдакон буда, аз соли 1993 фаъолият дорад.

Дар муассиса кӯдакон аз синни 3 то 18 сола бо ташхисҳои гуногуни бемориҳои руҳию равонӣ бистарӣ гардида, саломатии худро барқарор менамоянд. Муассиса дорои 60 кат, аз ҷумла 30 кат барои будубоши шабонарӯзӣ ва 30 кат барои будубоши рӯзона мебошад.

Зимни санҷиш иттилоъ дода шуд, ки дар семоҳаи якуми соли 2025 ба Муассиса 101 нафар кӯдакон ва наврасони бемор муроҷиат намуда, 29 нафари онҳо ба қайди диспансерӣ ва 72 нафарашон ба қайди машваратӣ гирифта шудааст. Айни ҳол дар қайд ва назорати диспансерию машваратӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 10 782 нафар кӯдакони то 18 сола мебошанд, ки аз ин шумора 6 299 нафар нафақаи маъюбӣ мегиранд.

Дар муассиса 349 нафар кӯдакони гирифтори бемории “Аутизм” (вайроншавии спектри аутикӣ) таҳти назорати диспансерӣ қарор доштанд. Аз тарафи мутахассисони соҳа дар дигар шаҳру ноҳияҳо 345 нафар кӯдакони гирифтори бемории равонӣ ва вайроншавии спектри аутикӣ дар хона аз ташхис гузаронида шуда, ҷиҳати идома додани табобат тавсияҳо дода шудаанд.

Ошхонаи муассиса барои нигоҳдории маҳсулот бо яхдонҳо таъмин шуда, дарун ва беруни бино ба талаботи санитарӣ ҷавобгӯ буда, дар як баст 30 нафар хӯрок мехӯранд. Ҳамарӯза сифати хӯрокҳо аз тарафи ҳамшираи тиб санҷида шуда, намунаи он гирифта мешавад. Дар як рӯз аз рӯи номгӯи таъомҳо бояд 4 маротиба ба кӯдакон хӯрок дода шавад, лекин аз суҳбат бо роҳбарияти муассиса муайян гардид, ки дар як шабонарӯз барои як кӯдак аз ҳисоби буҷет барои хӯрок маблағи 10 сомонӣ ва барои доруворӣ 4 сомону 70 дирам ҷудо карда шудааст, ки кофӣ намебошад.

Ҳамчунин, зимни санҷиш бо роҳбарияти муассиса аз ҳуҷраҳои корӣ, табобатӣ, ҷойи хоби беморон, ошхона, ҳаммом, ҳоҷатхона ва майдончаи сайругашт дидан намуда, бо духтурон, беморон ва волидайни кӯдаконе, ки фарзандонашонро ба муассиса овардаанд, суҳбату пурсишҳо гузаронида шуд. Шаҳрвандон аз хизматрасонӣ дар муассиса изҳори қаноатмандӣ карданд. Онҳо иброз намуданд, ки дар бинои муассиса кӯдакони дорои маъюбият ба тавонбахшӣ фаро гирифта шуда, барои аз ошёнаи якум ба ошёнаи дуюм баромадани онҳо хоҳиш карданд, ки таҷҳизоти махсус насб карда шавад.

Инчунин, дар Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони нобинои шаҳри Ҳисор мониторинг гузаронида шуд. Мутобиқи оинномаи муассисаи мазкур Мактаб-интернати миёнаи умумии бачагони нобино - мактаби ягонаи меҳнатӣ, табобатӣ ва политехникӣ буда, дар он айни замон маҳфилҳои бофандагӣ, пазандагӣ, пойафзолдӯзӣ, мусиқӣ ва маҳси нуқтавӣ фаъолият мекунанд. Зимни суҳбат бо роҳбари муассисаи мазкур маълум гардид, ки ба хатмкунандагон ҳуҷҷат вобаста ба касбҳои омӯхташуда дода намешавад, дар ҳоле ки аз худ кардани ин касбҳо ва гирифтани ҳуҷҷат дар оянда барои дарёфти ҷойи кор кумак мерасонад.

Зимни мониторинг маълум гардид, ки муассисаи таълимӣ барои 180 нафар пешбинӣ гардида, айни замон 213 кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда, аз ин шумора 76

нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд. Дар як синф аз 5 то 10 нафар таълим гирифта, дар як ҳуҷра аз 8 то 12 кӯдак хоб мераванд.

Хобгоҳ аз бинои дуошёна иборат буда, барои кӯдакони маъюби нобино дар даромадгоҳ ва барои ба ошёнаи дуюм баромадан пандус, дастқапак дар роҳрав ва деворҳои дохили бино пешбинӣ нашудааст.

Зимни боздид аз муассисаи таълимӣ бо кӯдакон ва кормандони муассиса суҳбатҳо гузаронида шуда, аз ҷониби онҳо барои беҳтар кардани вазъи риояи ҳуқуқҳои кӯдакон дар муассиса таклифҳои зерин пешниҳод карда шуд.

Аз сабаби он ки хондани китобҳои брайлӣ тариқи ламс кардан сурат мегирад онҳо тез корношоям мешаванд ва хондани онҳо ғайриимкон мегардад, барои осонгардонии кор муассиса бо ашёҳои китобчопкунӣ таъмин карда шудааст. Лекин маблағ барои чопи китоб пешбинӣ нашудааст. Аз ин лиҳоз, онҳо барои чоп кардани китобҳои дарсӣ танқисӣ мекашанд.

Ҳамчунин, дар Мактаб-интернати махсуси бачагони қувваи босираашон суст ва зарири шаҳри Исфара санҷиш гузаронида шуд. Кӯдакон дар ин муассиса баъди муоинаи тиббӣ-педагогии вилоятӣ ва духтур-окулист бо роҳхати раёсати маорифи шаҳр ба таълимгоҳ қабул карда мешаванд.

Санҷиши мактаб-интернат нишон медиҳад, ки бинои он якошёна буда, дорои 12 синфхона мебошад, ки ҳамаи синфхонаҳо

бо мизу курсиҳо ҷиҳозонида шудаанд. Хонандагон бо сару либоси тавсиявӣ, пойафзол, адабиёт ва асбобу таҷҳизоти таълимӣ, ҷойи хоб таъмин карда шудаанд.

Бинои таълимии мактаб-интернат дар ҳолати хуб қарор дошта, ба талаботи санитарию гигиенӣ ҷавобгӯ мебошад, вале инфрасохтори дохилӣ ва атрофи он ба эҳтиёҷоти кӯдакони маъюб мутобиқ нест.

Дарсҳо дар мактаб-интернат аз рӯзи душанбе то ҷумъа тибқи нақшаи таълимие, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илм тасдиқ карда шудааст, гузаронида мешаванд.

Зимни санҷиш бо омӯзгорон, ҳамшираи тиб ва кӯдакон суҳбату пурсишҳо гузаронида шуд. Ҳангоми суҳбату пурсишҳо хонандагон аз муносибати омӯзгорон бо онҳо, муносибат байни якдигар, гузаронидани чорабиниҳои фарҳангию фароғатӣ, шароити таълиму тарбия дар мактаб-интернат изҳори қаноатмандӣ намуданд, ки аз муносибати хуби роҳбарият, омӯзгорон ва таъмини корҳои тарбиявӣ дар байни хонандагон шаҳодат медиҳад.

Таъмини кӯдакони маъюб ба ҳаёти арзанда, ки барои мустақилияти пурра ва ҳамгироии иҷтимоии онҳо зарур аст, бевосита ба дастрасӣ ба таҳсил вобаста мебошад. Таҳсил дар рушди шахсият, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои иштирок дар ҳаёти ҷомеа нақши калидӣ мебозад.

Дастрасии кӯдакони маъюб ба таҳсил дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, аз ҷумла Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамаҷониба танзим гардидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии ин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар самти таъмини ҳуқуқи кӯдакони маъюб ба таҳсил тадбирҳои мушаххас меандешад. Қонунгузории миллӣ низ пайваста ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида мешавад.

Вобаста ба ҳадафи 4-уми Ҳадафҳои Рушди Устувор, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 тадбирҳо ҷиҳати рушди низоми маориф, аз ҷумла таъмини баробарӣ ва дастрасии таҳсилот барои ҳама гурӯҳҳои аҳолӣ пешбинӣ шудаанд. Ин стратегия рушди таҳсилоти фарогирро тавассути бунёди инфрасохтори бемонеа, таҳияи маводи таълимии мутобиқ ва омодасозии кадрҳои тахассусӣ дар назар дорад.

Тибқи маълумоти Вазорати маориф ва илм дар соли хониши 2025-2026 шумораи кӯдакони маъюб 7 320 нафарро ташкил медиҳад, ки аз онҳо 2 885 нафар духтарон мебошанд. Ҳамчунин, дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ 694 нафар кӯдакони маъюб дар баробари ҳамсолони худ ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Омода намудани мутахассисони соҳаи кори иҷтимоӣ, педагогҳои иҷтимоӣ (тюторҳо), нуқсоншиносон ҷиҳати ҷалби

кӯдакони маъюб ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва татбиқи барномаҳои таҳсилоти фарогир, инчунин баргузории маъракаҳои баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҷомеа оид ба фарогирии иҷтимоии ин кӯдакон мунтазам ба роҳ монда шудааст.

Бо мақсади расонидани кумаки методӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбият, омӯзгорон ва мураббиёне, ки бо кӯдакони маъюб фаъолият мекунанд, дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он ба курсҳо, семинарҳо ва омӯзишҳои махсус ҷалб карда мешаванд.

Дар Стратегияи фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқии инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 низ дастрасии кӯдакони маъюб ба таҳсили фарогир ҳамчун самти афзалиятнок муайян шудааст.

Дар доираи Барномаи амали мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2025 дар як қатор муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла мактаб-интернатҳои махсус ва марказҳои тиббӣ, санҷишу мониторингҳо гузаронида шуданд. Зимни мониторинг ба масъалаҳои риояи ҳуқуқҳои кӯдак, шароити таълим ва нигоҳубин, таъминот бо ғизо ва хизматрасониҳои тиббӣ, сифати таҳсил ва касбомӯзӣ, пешгирии зӯроварӣ ва муносибати инсонгароёна ва мутобиқсозии инфрасохтор ба эҳтиёҷоти кӯдакони маъюб диққати махсус дода мешавад.

Дар доираи Барномаи амали мақомот соли 2025 дар ин самт санҷишу мониторинги фаъолияти 8 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таълимии томактабӣ ва муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, аз ҷумла муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №90 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6 ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №40 ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, муассисаи таҳсилоти иловагии шаҳри Исфара, маркази таҳсилоти иловагии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, муассисаи таҳсилоти иловагии шаҳри Кӯлоб, муассисаи таълимии томактабии ширхоргоҳ-кӯдакистони №98 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ва муассисаи таҳсилоти томактабии №3 шаҳри Кӯлоб гузаронида шуд.

Таҳлили санҷишу мониторингҳои гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки таълиму тарбияи кӯдакон дар муассисаҳои номбаршуда ҷиҳати таъмини ҳамаҷонибаи ҳуқуқи кӯдак ба таҳсил асосан ба талабот ҷавобгӯ мебошанд. Дар баробари ин, дар таъмини ҳуқуқи кӯдакони дорои маъюбият ба таҳсилоти босифат дар муҳити фарогир баъзе мушкилиҳо ба назар мерасанд.

Аз ҷумла, на дар ҳамаи муассисаҳои мавриди санҷиш қарордодашуда инфрасохтори дохилӣ ва атрофи онҳо ба эҳтиёҷоти кӯдакони маъюб мутобиқ аст. Масалан, дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №40 шаҳри Душанбе, инфрасохтори

дохилӣ ва атрофи муассисаи таълимӣ чандон ба эҳтиёҷоти кӯдакони маъюб мувофиқат намекунад. Ҳол он ки дар он 17 нафар кӯдакони маъюб ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки аз ин шумора 16 нафарашон ба таълими инфиродӣ дар хона ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Дар МТМУ №90 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бошад, 9 нафар кӯдакони маъюб ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки аз ин шумора 5 нафарашон ба таълими инфиродӣ дар хона ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Дар муассисаи таълимии мазкур кӯдакони маъюбе, ки қобилияти мустақилона ҳаракат карданро доранд ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Ҳамчунин, дар якҷоягӣ бо намояндагони Вазорати маориф ва илм ва ТҶ "Ассотсиатсияи волидайни кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд" дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2 ва муассисаҳои таҳсилоти томактабии №1 ва №2 ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, муассисаи таҳсилоти миёнаи умуми №1 ва муассисаи таҳсилоти томактабии №1 ноҳияи Темурмалик, мактаб-интернати давлатӣ барои кӯдакони имкониятașон маҳдуд ва муассисаи томактабии кӯдаконаи №28 шаҳри Хуҷанд, мактаб-интернати махсус барои кӯдакони кар ва шунавоишон суст ба номи Т.Ғафоров ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15 ноҳияи Бобоҷон Ғафуров санҷишу мониторинг гузаронида шуд.

Ҳангоми санҷишу мониторинг оид ба вазъи риояи ҳуқуқҳои кӯдакон, таваҷҷуҳи асосӣ ба масъалаҳои ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ, муносибат бидуни зӯроварӣ, шароити нигоҳдорӣ, муошират бо хешовандон, шароити синфхонаҳо, сифати таълими хонандагон, шароити кори омӯзгорон, таъминот бо ғизо, тарзи ташкилу ба роҳ мондани раванди таълим, бо маводу китобҳои дарсӣ ва асбобҳои аёнӣ таъмин будани хонандагон, татбиқи стандартҳои давлатии таҳсилоти ибтидоӣ ва умумӣ, давомоти хонандагон ба дарсҳо ва ғайра равона гардид.

Зимни мониторингҳо муайян карда шуд, ки аз ҷониби роҳбарияти муассисаҳои мазкур дар якҷоягӣ бо мақомоти давлатӣ ва мусоидати эҳсонкорон ҷиҳати беҳдошти шароити таълиму тарбияи кӯдакон, аз ҷумла беҳдошти ҳолати санитарию гигиенӣ, таъмини хонандагон бо сару либос, фаъолияти ошхонаҳо ва китобхонаҳо пайваста тадбирҳо андешида шуда, ба раванди таълим диққати махсус дода мешавад. Қисмҳои табобатии ин муассисаҳо бо духтурҳо, ҳамшираҳо, фелдшерҳо ва доруворӣ таъмин шудаанд.

Дар ин муассисаҳо ҳамчунин нарасидани маводҳо, аз ҷумла китобҳои дарсӣ бо хатти Брайл, бо ҳуруфи калон барои кӯдакони биноияшон суст, бо забони имову ишора барои кӯдакони ношунаво, синфҳои муҷаҳҳаз бо тахтаҳои электронӣ, компютерҳо бо барномаҳои махсус насбгардида, дастгоҳи шунавоӣ, синфҳои лингофонӣ ва амсоли инҳо ба назар мерасад. Инчунин, маълум

гардид, ки дар муассисаҳои мазкур омӯзгорону мураббиён аз курсҳои махсуси такмили ихтисос оид ба таҳсилоти фарогир нагузаштаанд.

Дар мактаб-интернати давлатӣ барои кӯдакони имконияташон маҳдуди шаҳри Хуҷанд ва мактаб-интернати махсус барои кӯдакони ношунаво ва шунавониашон суст дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, зимни мониторинг маълум гардид, ки хонандагон дар синфҳои алоҳида касбҳои пойафзолдӯзӣ, дуредгарӣ, бофандагӣ, рассомӣ, кулолӣ, рангуборчигӣ, дӯзандагӣ ва пухтупазро меомӯзанд.

Дар долонҳои баъзе аз муассисаҳо лавҳаҳои иттилоотӣ оид ба санадҳои милливу байналмилалӣ дар самти ҳуқуқу озодиҳои кӯдак насб нашудаанд.

Дар мактаб-интернатҳо робитаҳои оилавӣ хуб ба роҳ монда шудаанд. Падару модарон ва хешу таборон метавонанд ҳар вақте, ки хоҳанд кӯдакони худро аёдат кунанд ва онҳое, ки имконият доранд, метавонанд рӯзҳои шанбеву якшанбе кӯдаконро бо худ баранд.

Дар маҷмуъ, натиҷаи омӯзиш нишон дод, ки риояи ҳуқуқҳои кӯдакон дар муассисаҳои мавриди санҷиш асосан таъмин гардида, ҳолатҳои ҷиддии поймолшавии ҳуқуқи кӯдак ба қайд гирифта нашуд. Бо вуҷуди ин, як қатор камбудиҳо дар самти инфрасохтор, таъминот ва кадрҳо ҷой доранд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқҳои кӯдакони маъюб тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***– тезонидани раванди ба тасвиб расонидани Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқи маъюбон;***

***– тақвияти чораҳои пешгирии маъюбият дар байни модару кӯдак ва рушди хизматрасониҳои дахолати барвақтӣ;***

***– васеъ намудани фарогирии кӯдакони маъюб ба хизматрасониҳои тавонбахшӣ;***

***– мутобиқ намудани инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ ба меъёрҳои таҳсилоти фарогир;***

***– фаро гирифтани омӯзгорон ва мураббиёни муассисаҳо бо курсҳои махсуси омӯзишӣ;***

***– ба таври кофӣ таъмин намудани мактаб-интернатҳо бо маводди ғизоӣ, дорувории кофӣ ва воситаҳои тавонбахшӣ;***

***– ба таври кофӣ таъмин намудани мактаб-интернатҳо бо барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, воситаҳои аёнӣ ва синфхонаҳои касбомӯзӣ.***

# 6. БАРҲАМДИҲИИ ШАКЛҲОИ БАДТАРИНИ МЕҲНАТИ КӮДАКОН

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи маъмурӣ, қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ вобаста ба таъмини ҳуқуқи кӯдак ба меҳнат ва барҳамдиҳии шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон чораҳои муассир андешида шуда, ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кӯдакон ҳифз карда мешавад.

Дар ин робита, ҳамкориҳои созанда бо Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид, Ташкилоти байналмилалии меҳнат ва Ташкилоти байналмилалии муҳоҷират ба роҳ монда шудааст. Зеро, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии фаъоли Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи ҳуқуқи кӯдак, аз ҷумла уҳдадорӣ гирифтааст, ки ҳуқуқи кӯдакро барои ҳимоя ва истисмори иқтисодӣ, аз иҷрои ҳар коре, ки барои саломатии ӯ хатар дорад ё садди роҳи таҳсилот мешавад ё ба саломатии ӯ, инкишофи ҷисмонӣ, ақлонӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоиаш зарар мерасонад, эътироф мекунад, чораҳои ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва иҷтимоӣ меандешад, як ё якчанд ҳадди ақали синну соли муайянро барои қабул кардан ба кор муқаррар мекунад, меъёри зарурии рӯзи кор ва шароити кориро муайян мекунад ва ҷазоҳои муносиб ё чораҳои дигарро барои татбиқи босамари уҳдадориҳои мазкур меандешад.

Ҳамчунин, Тоҷикистон дар ин самт санадҳои байналмилалии дигарро, аз қабили Конвенсияи Ташкилоти байналмилалии меҳнат №182 "Оид ба манъ кардан ва аз байн бурдани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон", Тавсияномаи Ташкилоти байналмилалии меҳнат №190 "Оид ба манъ намудан ва чораҳои зарурӣ андешидан ҷиҳати нест намудани шаклҳои бадтарини меҳнати ноболиғон" ва Конвенсияи Ташкилоти байналмилалии меҳнат №138 "Оид ба ҳадди ақали синну сол барои ба кор қабул кардан", ки масъалаҳои меҳнати кӯдаконро танзим менамоянд, тасдиқ намудааст.

Бо ин мақсад, қонунгузории миллӣ қабул ва такмил ёфта, оид ба таъмини ҳуқуқи кӯдакон ба меҳнат ва барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ низ тасдиқ ва амалӣ карда мешаванд.

Тибқи тавсияи Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон ҳадди ақали синну соли муайян барои қабул кардан ба кор муқаррар карда шуда, тибқи талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрванде, ки ба синни понздаҳ расидааст, метавонад ҳамчун корманд тарафи шартномаи меҳнатӣ бошад.

Ҳамчунин, дар ҳолати истисно бо таълимгирандагоне, ки ба синни чордаҳ расидаанд, инчунин таълимгирандагоне, ки ба синни чордаҳ нарасидаанд ва дар театрҳо, ташкилотҳои банаворгирии кино, консертҳо, сиркҳо ва дигар ташкилотҳои

эҷодӣ бе зарар расонидан ба саломатӣ ва инкишофи маънавиашон иштирок менамоянд, бо мувофиқаи падар ё модар ва намояндагони қонунии онҳо шартномаи меҳнатӣ баста мешавад.

Яке аз шартҳои асосӣ дар ин самт ин халалдор нашудани раванди таълим мебошад, ки ба ҳуқуқи кӯдак ба таҳсил авлавият дода мешавад.

Бо мақсади танзими меҳнати кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои дахлдор пешбинӣ карда шудааст.

Аз ҷумла, тибқи талабот дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳуқуқи кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида бо ҳуқуқи дигар кормандон баробар буда, онҳо дар ҳифзи меҳнат, вақти кор, вақти истироҳат ва дигар шароити меҳнат аз кафолатҳои иловагӣ муқаррарнамудаи қонунгузорӣ истифода мебаранд.

Дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарноку хатарнок, истифодаи меҳнати кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида, инчунин дар корҳое, ки иҷроишашон ба саломатӣ ва инкишофи маънавии онҳо зарар мерасонад, манъ карда шудааст. Вале, таҷриба нишон медиҳад, ки ин муқаррарот на ҳама вақт зимни ба кор гирифтани кӯдакон риоя мешавад.

Дар ҳолатҳое, ки агар идома додани кор ба саломатии кормандони аз синни ҳаждаҳ хурд зарарнок ё бо зарари дигар вобаста бошад, падару модар, васӣ, парастор ё мақомоти ваколатдор ҳуқуқ доранд, ки қатъи шартномаи меҳнатиро талаб

намоянд. Аммо, таҷриба нишон медиҳад, ки волидайн ва дигар намояндагони қонунии кӯдак паҳлуҳои иҷтимоӣ аз ҷумла, музди маош ва имтиёзҳои дигари кориро ба инобат гирифта, ба зарари он ба саломатӣ ва рушди кӯдак аҳаммият намедиҳанд.

Ҳарчанд, кӯдакон бо дигар кормандон ҳуқуқи баробар доштa бошанд ҳам барои кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида давомнокии вақти кӯтоҳи корӣ муқаррар карда шудааст. Масалан, агар ба як корманди болиғ ва қобили меҳнат дар як ҳафта 40 соат вақти корӣ муайян шуда бошад, барои кормандони аз чордаҳсола то шонздаҳсола дар як ҳафта на зиёда аз 24 соат ва барои кормандони аз шонздаҳсола то ҳаждаҳсола на зиёда аз 35 соат иҷозат дода шудааст. Ҳамчунин, ба таълимгирандагони муассисаҳои таълимӣ, ки дар баробари таҳсил кор мекунанд, аз чордаҳсола то шонздаҳсола 2,5 соат дар як рӯз ва аз шонздаҳсола то ҳаждаҳсола 3,5 соат дар як рӯз иҷозат дода шудааст.

Бо назардошти ба инобат гирифтани маҳдудиятҳои зикршуда бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2017, №110 Рӯйхати корҳо, ки дар онҳо истифодаи меҳнати кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида манъ карда мешавад ва ҳадди ниҳоии меъёри борҳое, ки барои онҳо дастӣ бардоштан ва кашонидан иҷозат дода мешавад, қабул гардидааст, ки амалисозӣ ва риояи талаботи он хеле муҳим мебошад.

Дар қарори мазкур зиёда аз 1500 намуди корҳо, ки истифодаи меҳнати кӯдакон дар онҳо манъ карда шуда, вобаста ба ҳамаи

соҳаҳо нишон дода шудаанд. Илова бар ин, қарори мазкур меъёри ҳадди ақали боре, ки ноболиғ метавонад онро дастӣ бардорад ё кашонад, ба тариқи зайл муқаррар кардааст.

| **Хусусияти кор, нишондиҳандаҳои вазнинии кор** | **Ҳадди имконпазири вазни бор, кг** | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Писар** | | | | **Духтар** | | | |
| | **14 сола** | **15 сола** | **16 сола** | **17 сола** | **14 сола** | **15 сола** | **16 сола** | **17 сола** |
| Бардоштан ва кашондани борҳои вазнин ба таври дастӣ мунтазам дар давоми басти корӣ | 3 | 3 | 4 | 4 | 2 | 2 | 3 | 3 |
| Бардоштан ва кашондани борҳои вазнин ба таври дастӣ мунтазам дар давоми 1/3 ҳиссаи вақти корӣ (зиёда аз 2 маротиба дар як | 6 | 7 | 11 | 13 | 3 | 4 | 5 | 6 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| соат) | | | | | | | | |
| Ҳангоми навбат кардан бо кори дигар (то 2 маротиба дар як соат) | 12 | 15 | 20 | 24 | 4 | 5 | 7 | 8 |
| Вазни умумии бор, ки дар давоми як басти корӣ интиқол дода мешавад: бардоштан аз болои асбобу анҷоми корӣ | 400 | 500 | 1000 | 1500 | 180 | 200 | 400 | 500 |
| бардоштан аз рӯи фарш | 200 | 250 | 500 | 700 | 90 | 100 | 200 | 250 |

Таҷрибаи корӣ дар ин самт нишон медиҳад, ки новобаста аз мавҷуд будани чунин санади меъёрии ҳуқуқӣ баъзе падару модарон, дигар намояндагони қонунии кӯдак, корфармоён ва худи кӯдакон аз мазмуну муҳтавои он огоҳӣ надоранд. Аз ин лиҳоз, новобаста аз таҳкими қонунгузорӣ ва андешидани чораҳои амалӣ ҳоло низ ҳолатҳои зиёди ба меҳнати вазнин ва хатарнок ҷалб кардани кӯдакон ба назар мерасад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба инобат нагирифтани ин меъёрҳо дар баробари худ ба маъюбшавӣ, қадпастӣ ва мубталои бемориҳои муайян гардидани кӯдакон сабаб шуда метавонад.

Дар ин робита бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2024, №485 “Барномаи миллӣ оид ба барҳамдиҳии шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028” қабул гардидааст, ки мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон низ дар амалисозии он мусоидат мекунад.

Барномаи мазкур бо мақсади ба танзим даровардан ва пешгирӣ намудани фаъолияте, ки бо хусусият ва ё шароитҳои худ метавонад ба саломатӣ ва бехатарии кӯдакон зарар расонад таҳия гардида, барномаи дуюми давлатӣ дар ин самт мебошад.

Яке аз самтҳое, ки тибқи Нақшаи амали Барномаи мазкур барои солҳои 2024-2026 пешбинӣ гардидааст ва мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳамиҷрочии он мебошад, ин таъсиси махзани иттилоот оид ба меҳнати кӯдакон бо дарназардошти намудҳои кор, ҷинс, синну сол, ҷойи кор, далели ошкоршудаи меҳнати кӯдак ва чораҳои андешидашуда мебошад.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъсиси махзани иттилоот оид ба меҳнати кӯдакон пешниҳод намудааст, ки он дар заминаи сомонаи www.no-childlabour.tj таъсис дода шавад.

Ҷиҳати амалисозии самарабахши Барномаи мазкур ва мутамарказ намудани манбаъҳо барои ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон ва барҳамдиҳии шаклҳои бадтарини меҳнат, тартиб додани харита ва таъсиси манбаи ягонаи иттилоот оид ба ҳамаи ташкилотҳо ва лоиҳаҳои созмонҳои байналмилалӣ, ки ба ин самтҳо равона гардидаанд, мувофиқи мақсад мебошад. Дар ин замина, вазоратҳои адлия, молия, рушди иқтисод ва савдо ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бақайдгирии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, лоиҳаҳои созмонҳои байналмилалӣ ва даромаду хароҷоти маблағҳои грантӣ, метавонанд иттилооти заруриро ҷамъоварӣ ва пешниҳод намоянд.

Яке аз чорабиниҳои дигар, гузаронидани санҷишҳои муштарак дар объектҳои корфармоёни дорои хавфи нисбатан бештари истифодаи меҳнати кӯдакон мебошад. Дар ин робита дар ҳамаи муассисаҳое, ки соли 2025 санҷиш, мониторинг ва боздидҳо гузаронида шудаанд, аз ҷумла зимни омӯзиши фаъолияти мақомоти васоят ва парасторӣ ва комиссияҳои ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдаки макомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Роғуну, Ҳисор ва ноҳияҳои Ҷалолиддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Кӯшониён, Панҷ, Ҷайҳун ва Данғара масъалаҳои барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон матраҳ гардиданд.

Омӯзиши масъалаи барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон нишон медиҳад, ки дар Тоҷикистон меҳнати кӯдакон тавассути гузаронидани таҳқиқотҳо арзёбӣ карда мешавад, ки дар солҳои 2012 ва 2023 гузаронида шуда, дар ин раванд низ кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон иштирок ва мусоидат менамоянд.

Масалан, дар соли 2023 таҳқиқоти меҳнати кӯдакон, кори оилавӣ ва хонагии онҳо гузаронида шуда, дар рафти он пурсиши 6000 хонавода бо фарогирии 11 850 кӯдаки синни 5-17 дар сатҳи минтақаҳои ҷумҳурӣ ба амал оварда шудааст. Вобаста ба сатҳи таҳсилоти кӯдакони дар таҳқиқот иштирокдошта қайд намудан зарур аст, ки 51,6 дарсади онҳо дорои таҳсилоти ибтидоӣ, 18,5 дарсад дорои таҳсилоти асосӣ, 21,1 дарсад дорои таҳсилоти миёна буда, 8,8 дарсад ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ мерафтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур нишон медиҳад, ки меҳнати кӯдакон асосан дар чунин намуди корҳо истифода мешавад:

– нигоҳубини чорвои хонагӣ (16,7 дарсад);

– ҷамъоварии ҳосили меваю сабзавот барои истифода дар оила (6,2 дарсад);

– кор дар фермаҳои чорводорӣ (0,5 дарсад);

– корҳои гуногуни соҳаи кишоварзӣ (15,7 дарсад);

– тайёр кардани шарбат, консерваҳо ва нӯшобаҳо барои истифодаи оилавӣ (16,8 дарсад);

– кашонидани об аз дарё, обанборҳо ва чашмаҳо барои истифода дар оила (13,5 дарсад);

– ҷамъоварии ҳезум ва захираҳои дигари зарурӣ барои эҳтиёҷоти оилавӣ (19,2 дарсад).

Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқот 2,4 дарсад аз шумораи умумии кӯдакони синни 5-17 барои шахсони алоҳида кор кардаанд, ки дар муқоиса ба натиҷаи пурсиши меҳнати кӯдакон дар соли 2012, ки 4,1 дарсадро ташкил медод, 1,7 дарсад кам шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар бештари ҳолат кӯдакон якҷоя бо аъзои дигари оила, асосан дар соҳаи кишоварзӣ ва хоҷагиҳои ёрирасони наздиҳавлигӣ, тиҷорат ва кор дар фермаҳои чорводорӣ машғули кор мебошанд.

Бо мақсади амалисозии самараноки барномаву нақшаҳои давлатӣ дар ин самт дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шурои ҳамоҳангсозии байниидоравӣ оид ба барҳамдиҳии шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон таъсис дода шуда, корманди макомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон узви он мебошад. Ҳамчунин, таъсиси чунин шуроҳо дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ низ пешбинӣ шудааст.

Таҷриба нишон медиҳад, ки яке аз мушкилоте, ки метавонад ба имиҷи давлат дар арсаи ҷаҳонӣ таъсир расонад, ин истифодаи

меҳнати кӯдакон дар корҳои ба ҳаёт, саломатӣ ва рушди онҳо хатарнок мебошад.

Масъалаи дигари муҳим дар ин самт, ин ташвиқу тарғиби меъёру талаботи қонунгузории миллӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва мақсаду афзалиятҳои ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ вобаста ба меҳнати фоиданок ва шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон мебошад, то ки тавассути ин маърифати аҳолӣ баланд бардошта шуда, таҷрибаи истифодаи шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон барҳам дода шавад.

***Аз ин лиҳоз, бо мақсади боз ҳам беҳтар кардани чораҳо ҷиҳати барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:***

***– мутобиқ намудани қонунгузорӣ оид ба меҳнати кӯдакон дар сатҳи миллӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ ва таъмини иҷрои он;***

***– андешидани тадбирҳои ҳифзи иҷтимоии оилаҳое, ки кӯдаконашон дар шаклҳои бадтарини меҳнат иштирок мекунанд ва кӯдаконашон ба гурӯҳи хавф мансубанд;***

***– мунтазам ташкил ва баргузор намудани таҳқиқот оид ба меҳнати кӯдакон ва дар ин замина ташкил намудани махзани маълумот оид ба шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон;***

***– фароҳам овардани шароити мусоид барои пешгирӣ ва барҳамдиҳии шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон;***

***– мунтазам гузаронидани санҷишу мониторинги фаъолияти корхонаҳое, ки эҳтимолияти истифодаи шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон ҷой дорад;***

***– ҷалби кӯдакон ба чорабиниҳои ташвиқотию тарғиботӣ оид ба пешгирӣ ва мубориза бо шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон.***

# ХОТИМА

Фаъолият дар самти мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва таъмини манфиатҳои қонунии кӯдакон, таҳлилу баррасии муносибатҳои иҷтимоӣ ва таҳаввулоти ҷомеа дар соли 2025 нишон медиҳад, ки барои боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқҳои кӯдак бояд ҳамкориҳои самарабахш тақвият дода шаванд.

Ҳамчунин, дар ин замина масъалаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ низ нақши муайякунанда дорад, Зеро, агар аз як тараф таваҷҷуҳ ба волидайн, васию парастор, дигар намояндагони қонунии кӯдак ва аҳли ҷомеа равона гардад, аз тарафи дигар бояд маърифати худи кӯдакон низ баланд бардошта шавад, то ки онҳо тавонанд ҳангоми вайрон шудани ҳуқуқҳояшон мустақилона худро ҳимоя намоянд ва ё барои таъмини он ба субъектони дахлдор муроҷиат кунанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки новобаста аз такмили қонунгузорӣ ва пурзӯр намудани ҷавобгарӣ, қабул ва амалисозии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар амалия ҳолатҳои алоҳидаи вайроншавии ҷиддии ҳуқуқҳои кӯдак ба қайд гирифта мешаванд.

Бо ин мақсад дар маърузаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак барои соли 2025 ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани раванди баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва таҳкими ҳамкориҳо дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон 3 тавсия, барои барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншудаи кӯдакон 4 тавсия, барои мусоидат ба такмили қонунгузорӣ ва таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак 4 тавсия, барои таъмини адолати

судӣ ва дахлнопазирии шахсии кӯдакон 8 тавсия, барои ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакони маъюб 7 тавсия ва барои Бархамдиҳии шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон 6 тавсия, дар маҷмуъ 32 тавсия дода шудааст.

Ба инобат гирифтани тавсияҳои пешниҳодшуда ҳатман ба ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва таъмини манфиатҳои қонунии кӯдакон мусоидат намуда, аз вайрон шудани ҳуқуқҳои кӯдакон пешгирӣ мекунад.

Вале, таҳлили маърузаҳо нишон медиҳад, ки тавсияҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак на ҳама вақт ба инобат гирифта шуда, ҷиҳати ҳалли мушкилот ва ё боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқ ва таъмини рушди кӯдакон беэътиноӣ карда мешавад, ки ин ҳолат эҳтимолияти аз ҷониби сохторҳои оинномавӣ ва шартномавии Созмони Милали Муттаҳид такроран пешниҳод шудани чунин тавсияҳоро бештар мегардонад.

Бо назардошти он ки, мушкилоти муайян дар самти ҳифзи ҳуқуқ ва рушди кӯдакон мавҷуд аст ва ҷиҳати бартараф намудани онҳо иқдомҳои муассир андешида мешаванд, субъектони кор бо кӯдак ва аҳли ҷомеаро зарур аст, ки аз пештара бештар кӯшиш ба харҷ диҳанд.

Итминон дорем, ки минбаъд низ ҳамкориҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шарикони рушд, созмонҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, доираҳои илмӣ-академӣ, воситаҳои ахбори омма бо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ҷиҳати пешбурди ҳуқуқ ва озодиҳои кӯдакон тақвият меёбанд ва барои иҷрои тавсияҳои пешниҳодшуда чораҳои мушаххас андешида мешаванд.